**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
# ҚАРОР
**Правительство Республики Таджикистан**
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 31 декабри соли 2014 № 810

ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои солҳои 2015-2019

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои солҳои 2015-2019 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ҳангоми таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва ноҳия барои оянадаи кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат, инчунин лоиҳаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ татбиқи нишондиҳандаҳои Барномаи мазкурро дар доираи маблағҳои барои ин мақсадҳо пешбинишудаи вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ амалӣ намоянд.

3. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, бо мақсади амалӣ намудани нишондиҳандаҳои Барномаи мазкур, тибқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавии зарурӣ ва лоиҳаҳои сармоягузориро барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳия намуда, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ чараёни иҷрои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои солҳои 2015-2019-ро таҳти назорат қарор дода, ҳар сол то 1 март оид ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хисобот пешниҳод намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ барои солҳои 2015-2019

**Душанбе-2015**

# МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор** ........ **5**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ А.ҶОМӢ** ........ **7**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** ........ **9**
2.1 Соҳаи кишоварзӣ. ........ 9
2.2. Соҳаи саноат ........ 18
2.3. Соҳибкории хурду миёна ........ 20
2.4. Сохтмон ........ 22

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** ........ **23**
3.1. Соҳаи маориф ........ 23
3.2. Соҳаи тандурустӣ ........ 28
3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ........ 30
3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ........ 31
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ........ 35

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ........ **36**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) ........ 36
4.1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ........ 36
4.1.2. Хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) ........ 37
4.2. Таъмини барқ ва газ ........ 39
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ........ 40
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ........ 42

**БОБИ 5. Бехатарии ҳифзи муҳити зист** ........ **43**

**БОБИ 6. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА,**
**ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО** ........ **44**

**БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ........ **46**

**БОБИ 8. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ........ **49**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи А. Ҷомӣ аз рӯи соҳаҳо** ........ **50**

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи А. Ҷомӣ барои солҳои 2015-2019 (минбаъд Барнома) тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24.04.2014 №17382 (22-3)) дар заминаи “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12.01.2009 №1/3 маъқул дониста шудааст), бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2015, барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ аз тарафи мутахассисони касбӣ, дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устуворонаи иҷтимоию иқтисодӣ ин беҳтар сохтани сифати зиндагӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолии ноҳия мебошад, ки он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ ҳамчун натиҷаи болоравии боздеҳи захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст. Ҳамзамон, Барномаи мазкур барои ноил шудан басе мақсади стратегии зерин замина мегузорад:

- *Муҳайё намудани фазои мусоид барои соҳибкорӣ (бизнес);*
- *Ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ;*
- *Беҳшавии муҳити иҷтимоӣ.*

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ дар назар дошта шудааст.

Барномаи рушди ноҳия 147 лоиҳаро бо маблағи умумии 261,4 млн. сомонӣ дар бар мегирад, ки 45-тои он ба маблағи 108,1 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 58 лоиҳа бо маблағи 26,0 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 27 лоиҳа бо маблағи 123,8 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 9 лоиҳа ба бахши бехатарии ҳифзи муҳити зист бо маблағи 0,7 млн. сомонӣ, 4 лоиҳа ба ҳолатҳои фавқулодда бо маблағи 2,7 млн. сомонӣ ва 4 лоиҳа ба бахши таъминоти захиравӣ бо маблағи 0,1 млн. сомонӣ тааллуқ дорад.

*Воқеан, барои амалӣ намудани “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи А. Ҷомӣ барои солҳои 2015-2019” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ 261,4 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст, аз он ҷумла:*

*Буҷети ҷумҳуриявӣ – 40,5 млн. сомонӣ;*
*Буҷети вилоятӣ – 7,9 млн. сомонӣ;*
*Буҷети маҳаллӣ – 10,1 млн. сомонӣ;*
*Маблагҳои хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон– 54,6 млн. сомонӣ;*
*Маблагҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ – 125,4 млн. сомонӣ;*
*Маблагҳои номуайян – 22,9 млн. сомонӣ.*

*Ҷадвали 1. Тақсимоти маблагҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи А. Ҷомӣ барои солҳои 2015-2019” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 55826 | 12735,9 | 18005,6 | 6585,2 | 5575,2 | 5567,2 |
| Саноат | 5188 | 2180 | 1117 | 1891 | | |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 11872 | 480 | 5192 | 6100 | 100 | |
| Сохтмон | 35200 | 218 | 982 | 2500 | | |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 108086 | 15613,9 | 25296,6 | 17076,2 | 5675,2 | 5567,2 |
| Маориф | 15194 | 1120 | 4863 | 2675 | 120 | 290 |
| Фарҳанг ва фароғат | 1360 | | 60 | 1015 | 285 | |
| Тандурустӣ | 5235,5 | 0 | 1590 | 3255 | 295,5 | 80 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 1700 | 330 | 270 | 630 | 630 | 110 |
| Сайёҳӣ ва варзиш | 2510 | 200 | 310 | 1260 | 720 | 20 |
| Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ | 25999,5 | 1650 | 7093 | 8835 | 2050,5 | 500 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) | 69230 | 680 | 1400 | 22810 | 23580 | 20760 |
| Таъмини барқ | 50869,5 | 43575 | 245 | 6550 | 335 | 164,5 |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | 3500 | | | 1000 | 1250 | 1250 |
| Алоқа ва фазои иттилоотӣ | 230,2 | | 110,2 | 120 | | |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 123829,7 | 44255 | 1755,2 | 30480 | 25165 | 22174,5 |
| Бехатарии ҳифзи муҳити зист | 651,6 | 31,2 | 230 | 330 | 30 | 30 |
| ҲФ | 2706,8 | 799 | 1148,8 | 708 | 21 | 30 |
| Таъминоти захиравӣ | 130 | | 30 | 30 | 40 | |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН | 261403,6 | 62349,1 | 35553,6 | 57459,2 | 32981,7 | 28301,7 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 40543,3 | 908 | 4141,8 | 12918 | 7538,5 | 4647 |
| Буҷети вилоятӣ | 7874,8 | 900 | 1000 | 1300 | | |
| Буҷети маҳаллӣ | 10126 | 768 | 1203 | 3405 | 2755 | 2625 |
| Маблағҳои хусусӣ | 54618,4 | 7187,1 | 11394,6 | 21694,3 | 6215 | 5505 |
| Маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ | 125371,1 | 52566 | 17674,2 | 17581,9 | 14973,2 | 14874,7 |
| Лоиҳаҳои сарчашмаи маблағгузориашон номуайян | 22870 | 20 | 140 | 560 | 1500 | 650 |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ А. ҶОМӢ

**Маълумотҳои таърихӣ.** Ҷомӣ ҳамчун ноҳия 29 августи соли 1930 бо номи Арал таъсис ёфта ва баъдан бо номҳои Куйбишев, Хоҷамастон ва дар асоси қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2004 ноҳия ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ иваз карда шуд. Маркази ноҳия шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад.

**Маълумоти ҷуғрофии ноҳия**. Ноҳияи А. Ҷомӣ дар қисмати шимолии вилояти Хатлон ҷойгир буда, бо ноҳияҳои Ёвон, Хуросон, Бохтар ва шаҳри Сарбанд ҳамсарҳад аст. Масоҳати умумии ноҳия 68,2 ҳазор метрии мураббаъ аст. Дар ҳудуди маъмурии ноҳия 1 ҷамоати шаҳрак ва 7 ҷамоати деҳот мавҷуд аст.

Ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 420 метр ҷойгир буда, иқлимаш континенталии миёна мебошад, ҳарорати миёнаи солона + 10-14 $C^0$ (дар фасли гармо моҳҳои июл-август зиёда аз + 30 то + 37 $C^0$) ва зимистон дар моҳҳои январ-феврал ҳарорати миёна – 3 – 5 $C^0$ ва дар баъзе мавридҳо ҳарорати миёна то -25-28 $C^0$-ро ташкил медиҳад. Боришот дар моҳҳои январ-феврал 450-550 мм, март-апрел 750-800 мм ва дар фаслҳои тобистону тирамоҳ кам ба назар мерасад.

Аз ҳудуди ноҳия дарёи Вахш ба масофаи 21 км ва дарёи Ёвонсу ба масофаи 32 км мегузаранд. Бахусус дарёи Вахш барои рушди соҳаи моҳипарварӣ ва обёрии намудани заминҳои бекорхобида имконияти васеъ дорад.

Фосилаи байни ноҳияи А.Ҷомӣ то маркази вилоят шаҳри Қӯрғонтеппа 35 км ва то шаҳри Душанбе 87 км аст. Аз ҳудуди ноҳия роҳҳои мошингарди байни ноҳиявӣ мегузаранд.

Аҳолии ноҳия 150,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки ин 5,3 фоизи аҳолии вилоят ва 1,9 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ мебошад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 74,4 ҳазор нафар мард (49,6 %) ва 75,6 ҳазор нафар зан (50,4%) аст. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 3,4 фоиз ва зичии аҳолӣ 2130 нафарро дар 1 $км^2$ ташкил медиҳад.

Ноҳия аз рӯи хусусияташ кишоварзӣ буда, 91,5 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 8,5 фоизи онҳо дар маркази ноҳия истиқомат доранд.

Дар давоми солҳои 2011-2013 аҳолии ноҳия 9,8 ҳазор нафар ё 6,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз рӯи маълумоти расмии ба рӯйхатгирӣ шумораи аҳолӣ таи даҳ соли охир 21,5 фоиз афзоиш ёфтааст (29,2 ҳазор нафар).

*Ҷадвали№ 1. Шумораи аҳолии ноҳия*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 |
| 1 | Хоҷагии хонагӣ | адад | 22314 | 22754 | 22937 |
| 2 | Аҳолӣ | нафар | 140300 | 145260 | 150172 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 70600 | 73100 | 74485 |
| - | Зан | нафар | 69700 | 72160 | 75687 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 47421 | 49106 | 50758 |
| - | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 86565 | 89728 | 94560 |
| | Аз ҷумла, аз 15 то 18 сола | нафар | 11084 | 11492 | 12594 |
| - | Гурӯҳи калонсолон (63 (58сола) ва боло) | нафар | 6173 | 6425 | 6608 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 11173 | 11910 | 12512 |
| 3 | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 79690 | 82629 | 85298 |
| 4 | Бекорон | нафар | 43072 | 44552 | 45402 |
| 5 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 20816 | 21971 | 22104 |
| 6 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 17627 | 18723 | 19420 |
| 7 | Шумораи ба соҳибкорӣ машғулбуда | нафар | 1113 | 1137 | 1446 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 27 фоиз ба кор машғул, 14 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 54 фоиз бекорон мебошанд. Таи се соли охир шумораи бекорон 6,6 фоиз зиёд шудааст.


Ҳайати иҷтимоии аҳолии ноҳия
1,4 %
17,6 %
81 %
Тоҷикон
Ўзбекон
Дигар миллатҳо

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзиялитноки хоҷагии халқ маҳсуб ёфта, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ баланд арзёбӣ мегардад. Зиёда аз 69 фоизи аҳолии қобили меҳнатӣ дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд.

Тибқи маълумотҳои расмии соли 2013 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар миқёси вилоят 4,3 фоиз ва аз рӯи намуди маҳсулот ғалладонагӣ – 3,9%, полезиҳо – 2,8%, сабзавот – 5,2%, картошка –7,1%, меваҷот –4,6%, ангур –4,1%, шир – 3,3%, гӯшт – 2,5%, тухм –5,2%, асал – 2,5%, моҳӣ – 22,7%, пилла – 5,3% ва пашм – 2,6%-ро ташкил дод.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки дар ноҳия нисбати дигар минтақаҳои вилоят ҳосилнокӣ камтар аст. Сабаби ин, бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва фарсуда гардидани пойгоҳҳои обкашӣ мебошад.

***Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда*** - *ин беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва аз худ намудани заминҳои бекорхобида мебошад.*

***Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.*** Дар ноҳия 690 хоҷагии кооперативии истеҳсолӣ, 2 хоҷагии зоотпарварӣ, 1 хоҷагии ниҳолпарварӣ, 1 ҳазору 574 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 18 хоҷагии моҳипарварӣ, 22 ҳазору 937 хоҷагии хонагӣ фаъолият доранд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳо 33 хоҷагиро занҳо роҳбарӣ мекунанд.

***Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.*** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебошад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 330 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, аз ин 78 фоизаш коршоям (259 адад) ва 22 фоизаш (71 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 14 % тракотри шудгоркунанда (46 адад), 86% трактори чархдор (284 адад) мебошанд. Иловатан ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 165 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст.

Таи 20 соли охир дар ноҳия ҳамагӣ 46 адад трактори чархдор ворид шудааст, ки ба ҳар як трактори воридшуда 218 гектар замини корам, 11,5 гектар майдони боғ ва 5 гектар майдони ток рост меояд.

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолӣ буда 470 ададро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1. Шумораи техникаҳо*

| № | Номгӯи тракторҳо | Шумора | Омода | % - омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тасмачарх | 18 | 6 | 33 |
| 2 | Байниқатори чархдор | 169 | 116 | 67 |
| 3 | Нақлиёти чархдор | 293 | 194 | 66 |
| | Ҳамагӣ: | 480 | 316 | 69 |

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад. Танҳо дар соли 2013 аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ бо тариқи шартномавӣ 21 адад техникаи кишоварзӣ аз "Тоҷикагролизинг" ва ташкилоти байналхалқии USAID харидорӣ гардидааст, ки талаботи имрӯзаи хоҷагидоронро қонеъ гардонида наметавонад.

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2013 майдони умумии заминҳои ноҳия 88 ҳазору 330 гектар ва шумораи заминистифодабарандагон 1 ҳазору 590 нафар ба қайд гирифта шудааст. Заминҳои

қобили истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ 85 ҳазору 353 гектарро (аз ин 19 ҳазору 48 га обӣ ) ташкил медиҳад, ки аз ин 52 ҳазору 841 га бевосита заминҳои кишоварзӣ, 4 ҳазору 51 га замини наздиҳавлигӣ (2 ҳазору 727 га обӣ), 1 ҳазору 521 га замини ёрирасони шахсӣ (1 ҳазору 350 га обӣ), 201 га фонди захиравӣ, 1 ҳазору 501 га ҷангалу бешазор, 2 ҳазору 27 га буттазор, 141 га ботлоқзор, 4 ҳазору 416 га замини зери об, 802 га зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 1 ҳазору 259 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва 19 ҳазору 763 га дигар заминҳо мебошанд.

Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 618 га боғот (596 га обӣ), 389 га токзор (385 га обӣ) ва 20 га дарахтони ситрусӣ, субтропикӣ (18 га обӣ), 52 га тутзор (52 га обӣ) ва 9 га дарахтзор (9 га обӣ) мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезӣ, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд .

*Диаграммаи №1. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*




Заминҳои берун аз ҳудуди марзию маъмурӣ истифодашаванда 29 ҳазору 554 гектарро ташкил дода, аз ин 26 ҳазору 108 га ба ноҳияи Рашт, 2 ҳазору 862 га ба ноҳияи Ҷиргатол ва 584 га ба ноҳияи Хуросон рост меояд. Ин заминҳо дар сохтори майдони умумии заминҳои ноҳия 33,5 фоизашро ташкил медиҳад. Заминҳои номбурда барои истифодаи дарозмӯҳлат ба ноҳияи А. Ҷомӣ дода шудааст.

Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир (партов 383 га, аз ин 300 га обӣ) мавҷуд аст. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо яке аз самтҳои Барнома аст.

Соли 2013 дар майдони 20 ҳазору 409 га кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуда буд, ки аз ин 15 ҳазору 850 га ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 4 ҳазору 559 га ба аҳолӣ рост меомад.




Диаграммаи №2. Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2013

Дар сохтори майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро кишти пахта ва ғалладонагӣ ишғол мекунад (46,4%, 29%).

*Диаграммаи №3. Истифодаи замин аз рӯи кишти зироатҳо дар соли 2013(дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ)*




**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.** Соли 2013 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 333,4млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 258,7 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (77,6%) ва 74,7 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (22,4%) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд аст. Аз рӯи маълумоти расмӣ ба як нафар 231,3 кг ғалладонагӣ, 268,6 кг сабзавот, 135,2 кг картошка, 38,9 кг мева ва 22,9 кг ангур, 86 литр шир, 15,1 кг гӯшт ва 2 кг моҳӣ рост меояд.

*Диаграммаи №4. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2010-2013 (млн. сомонӣ)*




Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаи дурнамо соли 2019 дар қиёс ба соли 2013 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 19,7 фоиз зиёд хоҳад шуд.

**Диаграммаи №5. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таи солҳои 2015-2019 бо нархҳои амалӣ (млн. сомонӣ)**



**Растанипарварӣ.** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзӣ 81,4 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Ченак | Солҳо | | | | с.2013 нисбати с.2010 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | |
| 1.Майдони кишт | га | 9189 | 6906 | 5939 | 6447 | 70,1 |
| Ғалладонагӣ | тонна | 35039 | 31180,4 | 31216,9 | 34764 | 99,2 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 38,1 | 45,2 | 53,0 | 53,9 | 141,4 |
| 2.Майдони кишт | га | 6840 | 9000 | 9500 | 9600 | 140,3 |
| Пахта | тонна | 13769 | 18380 | 19270 | 19785 | 143,6 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 20,1 | 20,4 | 20,2 | 20,6 | 102,5 |
| 3.Майдони кишт | га | 1069 | 1065 | 1061 | 1058 | 99,0 |
| Сабзавот | тонна | 28397 | 32310,8 | 34161 | 40341 | 120,3 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 265,6 | 303,38 | 321,9 | 381,2 | 143,5 |
| 4.Майдони кишт | га | 622 | 690 | 753 | 720 | 121,1 |
| Картошка | тонна | 18321 | 19375 | 19393 | 20305 | 105,9 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 294,5 | 280,7 | 257,5 | 282 | 87,4 |
| 5.Майдони кишт | га | 321 | 320 | 312 | 286 | 97,2 |
| Полезӣ | тонна | 7631 | 7691 | 7887 | 11329 | 148,5 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 237,7 | 240,3 | 252,7 | 396,1 | 166,6 |
| 6.Майдони мевагӣ | га | 1015 | 995 | 997 | 998 | 98,3 |
| Мевагӣ | тонна | 4953 | 9171 | 5702 | 5842 | 112 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 48,7 | 52,0 | 57,0 | 58,5 | 120 |
| 7. Майдони ангур | га | 742 | 738 | 739 | 740 | 99,6 |
| Ангур | тонна | 3060 | 3390 | 3512 | 3442 | 112,5 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 41,2 | 46,0 | 47,5 | 46,5 | 112,9 |
| 8.Майдони кишт | га | 1373 | 1942 | 2364 | 1742 | 126,9 |
| Зироатҳои х/чорво | тонна | 18049 | 18377 | 19679 | 20112 | 111,4 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 131,4 | 94,6 | 83,2 | 115,4 | 87,8 |

Дар ноҳия имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 2 ҳазору 303 га замини обии аз фаъолият бозмонда мавҷуд аст. Дар ҳолати тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо ва таъмиру барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ имконияти то 30 фоиз зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия пайдо мешавад.

***Пахтакорӣ***. Пахтакорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва махсусгардонидашудаи ноҳия буда, ҳиссаи он дар сохтори майдони кишт 46,4% -ро ташкил медиҳад. Бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли пахта майдони кишти он аз 6 ҳазору 840 гектари соли 2010 ба 9,6 ҳазор гектар дар соли 2013 расонида шуд, вале ҳосилнокӣ паст аст (20,6 с/га), ки ин хароҷоти онро пӯшонида наметавонад. Бо мақсади мусоидат намудан ба рақобатнокӣ ва даромаднокии соҳаи пахтакорӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 марти соли 2007 таҳти №111 «Дар бораи тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳалли қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009» ба тасвиб расид, ки тибқи он дар ноҳия муҳлати пардохти қарзи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамдид карда шуд. Маблағи умумии ин қарзҳо беш аз 34,0 млн. доллари ИМА ташкил медиҳад.

***Ғалладонагӣ.*** Дар ноҳия 29 %-и майдони кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимакка ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 61,4 фоизро кишти гандум дар бар мегирад. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми замин гандум парвариш мекунанд 38,6 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2013 дар қиёс ба соли 2011 истеҳсоли ғалладонагӣ зиёда 11,4 фоиз зиёд гардида, майдони кишти он бошад 11,5 фоиз кам гардидааст.

***Сабзавоткорӣ.*** Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ шуғл доранд, ки аз маҳсулоти кишткардашуда 4,0 фоиз ба сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ, 47 фоиз ба ба аҳолӣ рост меояд.

Соли 2013 нисбат ба соли 2011 майдони кишти сабзавот 0,8 фоиз кам шуда бошад ҳам, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 24,8% ва ҳосилнокии он 12,6 % афзоиш ёфтааст.

***Диаграммаи №6. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ таи солҳои 2015-2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (тонна)***



| | Ғалла | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полезӣ | Хӯроки чорво | Мевагӣ | Ангур |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 28993 | 20223 | 15356 | 23144 | 6736 | 21190 | 5525 | 4483 |
| 2016 | 29364 | 20437 | 15531 | 23314 | 6878 | 22072 | 5571 | 4508 |
| 2017 | 29645 | 20559 | 15724 | 23441 | 7269 | 22960 | 5594 | 4533 |
| 2018 | 29948 | 20672 | 15999 | 23630 | 7800 | 24750 | 5652 | 4570 |
| 2019 | 29930 | 20680 | 16000 | 23730 | 7840 | 24800 | 5702 | 4590 |

**Боғпарварӣ.** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳия аст. Тайи солҳои 2010-2012 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 721 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва таъмини аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ имконияти калон аст.

Хоҷагиҳои боғпарварӣ ноҳия бештар аз дарахтони мевадиҳанда ба парвариши дарахтони анор, зардолу, бодом, шафтолу, олу, нок, хурмо ва аз дарахтони бемева ба сафедор ва бед машғул мебошанд. Дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ 1,8%, боғот 56,8%, тутзор 4,8 %, дарахтзор 0,8%ва токзор 35,8%-и майдони умумии дарахтони бисёрсоларо дар ноҳия ташкил медиҳад.

**Системаи обёрии заминҳои кишоварзӣ.**

Дар ноҳия Идораи давлатии хоҷагии об ва муассисаи давлатии истифодабарандагони канали Баҳористон фаъолият мекунад. Дар тавозуни корхонаи мазкур 247 иншоот ва пойгоҳӣ обкашӣ мавҷуд аст.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия нисбати дигар минтақаҳои вилоят дар он аст, ки ноҳия дар пастии 12-21 метр аз сатҳи дарёи Вахш ҷойгир шудааст. Аз ин ҳисоб сатҳи обҳои зеризамини хеле баланд буда, боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Ҳоло зиёда аз 2 ҳазору 359 гектар замини кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ буда, зиёда аз 685 гектар замин дар ҳолати шӯршавӣ қарор дорад.

Дар ноҳия майдони умумии заминҳои обии кишоварзӣ 18 ҳазору 995 га.- ро ташкил медиҳад. Тибқи кадастраи ҳисоботи ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 16 ҳазору 689 га, ғайриқаноатбахш 2 ҳазору 359 га мебошад, аз он ҷумла шурнокиаш паст 1 ҳазору 747 га ва шӯрнокиаш миёна 719 га ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия 207,8 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ (аз он дар ҳолати ғайриқаноатбахш 101 км), 399,6 км. заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ (аз он 325 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошанд. Шумораи умумии чоҳҳои назоратӣ дар ноҳия 72 ададро ташкил дода, аз ин 35 адад дар ҳолати корношоям қарор дорад.

Каналҳои обтаъминкунии байни хоҷагии ҳудиди ноҳия 168,5 км. буда, 66 фоизи он (61 км) дар ҳолати ғайриқаноатбахш мебошад. Каналҳои дохили хоҷагӣ 418,6 км-ро ташкил медиҳанд. Аз масоҳати умумии каналҳои мавҷуда 293 км-и он дар ҳолати қаноатбахш ва 126 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.

Дар ҳудуди ноҳия заминҳои обӣ тавассути наҳрҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд ва аз сабаби суст будани низоми маблағгузорӣ, кӯҳнаву фарсуда шудани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда солҳои охир қариб 539,4 га замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст (дар ҷамоатҳои деҳоти “Яккатут” 85,4 га, “50 солагии Тоҷикистон” 27,53 га, “Ифтихор” 70,12 га, “Калинин” 9 га, “Иттифоқ” 123,08 га ва “Дӯстӣ” 138,15 га) .

Зиёда аз 2 ҳазору 88 га. замини кишти ноҳия тавассути пойгоҳҳои обкаши бо оби полезӣ таъмин карда мешаванд.

*Ҷадвали №2. Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмирталаб | Миқдори заминҳое, ки об медиҳанд, га |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Каленин | 5 | 3 | 2 | 617 |
| 2 | Арал | 3 | 2 | 1 | 1128 |
| 3 | Иттифоқ | 1 | - | 1 | 200 |
| 4 | Ифтихор | 3 | 1 | 2 | 108 |
| 5 | Дусти | 1 | - | 1 | 35 |
| | Ҷамъ: | 13 | 6 | 7 | 2088 |

Таи ду соли охир 1 ҳазору 122 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия бо коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративи ба ҳолати қаноатбахш гузаронида аст. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт таи ду сол аз ҳисоби буҷаи маҳалли 1 млн. 305,0 ҳазор сомонӣ ва ҳаққи хизмати обрасони 158 ҳазор сомонӣ ва худмаблағгузории хоҷагиҳо 94 ҳазор сомониро ташкил додааст.




Дар чор соли охир 191,1 км заҳбуру заҳкашҳои ноҳия тоза гардида, 1773 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия ба ҳолати қаноатбахши мелиоративӣ баргардонида шуданд, ки 10 фоизи заминҳои умумии обии кишоварзии ноҳияро ташкил медиҳад ва заруриятро ба 33 фоиз расонидани ин нишондод дар асоси қоидаҳои дурусти гидротехники талаб карда мешавад.

Майдони умумии заминҳое, ки тавассути иншоотҳои обтаъминкунии дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунии н. А. Ҷомӣ буда, обёрӣ карда мешавад беш аз 18 ҳазору 995 гектарро ташкил медиҳад. Дарозии умумии каналҳои обёрӣ 168,5 км. ташкил дода, аз ин ба ҳолати 01.01.2014 беш аз 24,3 фоиз (41 гектар) тоза гардидаасту халос.

Дарозии шабакаҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни ҷамотҳои н. А. Ҷомӣ мебошанд беш аз 418,6 км – ро ташкил дода, барои обёри намудани беш аз 18 ҳазору 995 га хизмат мерасонанд. Ба ҳолати 01.01.2014 беш аз 142 км ва ё 34 фоизи масоҳати шабакаҳои обтаъминкунӣ тоза гардидааст.

*Ҷадвали №3. Иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунии н. А. Ҷомӣ қарор дорад*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | Шӯрообод | 120,0 | 4,8 | - |
| 2. | Хоҷа - Қалъа | 3387 | 23,5 | 4,5 |
| 3. | Қатаған - Шох | 1236 | 1,6 | 1,0 |
| 4. | Шӯрообод 2-3 | 1154 | 9,95 | - |
| 5. | Аксари -Шох | 2451 | 17,7 | 6,3 |
| 6. | Хоҷақалаи –боло- 2 (моҳипарвари) | 210 | 3,65 | 1,2 |
| 7. | Обёрии мошини | 267 | 4,9 | 2,9 |
| 8. | Қарапланг | 555 | 1,8 | 0,8 |
| 9. | Қум-қараланг | 810 | 7,3 | 4,6 |
| 10 | Островной | 310 | 11,9 | 4,8 |
| 11 | Ҷейрик -Шох | 153 | 3,8 | 0,6 |
| 12 | Авғон -Шох | 37 | 1,7 | 0,4 |
| 13 | Авғон –Шох 1 ва 2 | 479 | 11,9 | 0,9 |
| 14 | Дурмен - Шох | 906 | 7,8 | 1,6 |
| 15 | Хоҷақалаи – боло -1 | 952 | 13,8 | 6,5 |
| 16 | Ёрибек – Шох | 599 | 7,9 | 1,8 |
| 17 | Шохобаи –Рост | 1872 | 11,2 | 0,2 |
| 18 | ПЛ-5 | 1480 | 4,6 | 0,8 |
| 19 | Шохобаи - Чап | 1388 | 13,7 | - |
| 20 | Р-7 | 484 | 1,1 | 0,6 |
| 21 | Шохобаи рост Хоҷа қала ПК 51+30 | 75 | 2,2 | 1,5 |
| 22 | Шохобаи рост Хоҷа қала ПК 51+50 | 70 | 2,6 | - |
| Ҷамъ: | | 18995 | 168,5 | 41 (24,3% ) |

*Ҷадвали №4. Шабакаҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни ҷамоатҳои н. А. Ҷомӣ қарор дорад (ба 01.01.2014)*

| № | Номгӯи ҷамоатҳои | Майдони кишт (га) | Дарозии шабакаҳои обтаъминкунӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | Иттифоқ | 3128 | 78,4 | 16,0 |
| 2. | Калинин | 1957 | 37,4 | 12,0 |
| 3. | Арал | 2991 | 55,7 | 25 |
| 4. | 50 солагии Тоҷикистон | 2131 | 29,5 | 15 |
| 5. | Яккатут | 4061 | 95,3 | 38 |
| 6. | Ифтихор | 1585 | 41,5 | 12 |
| 7. | Дӯстӣ | 3141 | 80,8 | 24 |
| Ҳамагӣ: | | 18995 | 418,6 | 142 - (34 %) |

*Ҷадвали №5. Шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия Абдураҳмони Ҷомӣ*

| № | Номгуи ҷамоатҳо | Ҳамаги заҳбуру заҳкаш, км | Аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Дар тавозуни муассисаҳои об таъминкуни ноҳия, км | Аз он ҷумла тозашуда км | Дар ҷамоатҳои деҳот, км | Аз он ҷумла | |
| | | | | | | Кушода, км | Болопуш, км |
| 1 | Иттифоқ | 115,1 | 40,9 | 14,0 | 74,2 | 55,55 | 18,64 |
| 2 | Арал | 167,2 | 49,6 | 12,3 | 117,6 | 90,66 | 27,00 |
| 3 | Яккатут | 182,46 | 87,0 | 16,0 | 95,46 | 61,43 | 34,03 |
| 4 | Калинин | 50,3 | 13,4 | 9,7 | 36,9 | 36,9 | - |
| 5 | 50 солагии Тоҷикистон | 62,1 | 16,9 | 7,0 | 45,2 | 45,2 | - |
| 6 | Ифтихор | 30,3 | - | - | 30,3 | - | 30,3 |
| 7 | Дусти | - | - | - | - | - | - |
| Ҳамаги: | | 607,4 | 207,8 | 59 | 399,6 | 289,7 | 109,9 |

Масоҳати умумии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия 607,4 км- ро ташкил дода, аз ин 207,8 км (35 фоиз) дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунӣ, 399,6 км (65 фоиз) дар тавозуни Ҷамоатҳои деҳот мебошад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни киёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 22,4 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2013 хоҷагиҳои чорводории ноҳия 74,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

*Ҷадвали №6. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2011-2013*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2013 нисбати соли 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | |
| Гӯшт | тонна | 1902,9 | 2045,9 | 2270,5 | 119,3 |
| Шир | тонна | 10872 | 11947 | 12919 | 119,0 |
| Тухм | ҳаз.дона | 2613,5 | 2828,9 | 3011,6 | 115,2 |
| Пилла | тонна | 36,1 | 28,5 | 33,4 | 108,0 |
| Асал | тонна | 10,7 | 12,6 | 21 | 196,2 |
| Пашм | тонна | 105,4 | 112,6 | 115,6 | 110,0 |
| Моҳӣ | тонна | 232,5 | 234,9 | 306 | 131,6 |

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ тибқи дурнамои рушди соҳа то соли 2019 ин давра ба давра зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мебошад.




| | Гӯшт | Шир | Тухм (ҳаз дона) | Пилла | Пашм | Моҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 2020 | 14574 | 2152 | 31,7 | 113 | 240 |
| 2016 | 2028 | 14595 | 2165 | 32,1 | 114 | 245 |
| 2017 | 2035 | 14620 | 2183 | 32,4 | 116 | 250 |
| 2018 | 2045 | 14641 | 2204 | 33 | 117 | 260 |
| 2019 | 2055 | 14657 | 2215 | 33,6 | 118 | 265 |

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия то 1 январи соли 2014 ҳамагӣ 34 ҳазору 306 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст, ки аз 15 ҳазору 959 сарро модагов ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 92,2% саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 7,8% ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Дар ноҳияи А.Ҷомӣ 1 хоҷагии зотпарварӣ фаъолият дорад. Барои беҳтар ва зиёд намудани маҳсулнокии чорво дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия 3 нуқтаи бордоркунии сунъӣ кор мекунад (шумораи умумӣ 5 адад), ки 30 фоизи чорво ба таври сунъӣ бордор карда мешавад.

Барои дар оянда беҳтар намудани зоти чорво ва гирифтани насли чорвои солим дар ноҳия 30 сар буқаҳои зотӣ, 56 сар қушқорҳои зотӣ ва 13 аспҳои зотӣ парвариш ва нигоҳбун карда мешавад.

*Ҷадвали №7. Саршумори чорво дар солҳои 2011-2013 (сар)*

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | | 2012 | | | 2013 | | |
| | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода |
| Чорвои калони шохдор | 34114 | 2649 | 31465 | 34138 | 2654 | 31484 | 34306 | 2661 | 31645 |
| аз он ҷумла модагов | 15834 | 603 | 15231 | 15848 | 605 | 15243 | 15959 | 611 | 15348 |
| Бузу гӯсфанд | 55365 | 3795 | 51570 | 55428 | 3886 | 51542 | 56255 | 3904 | 52351 |
| Асп | 2124 | 862 | 1262 | 2126 | 869 | 1257 | 2146 | 870 | 1276 |
| Парранда | 70625 | 10650 | 59975 | 70695 | 10710 | 59985 | 72108 | 10710 | 61398 |
| Занбӯри асал (оила) | 1042 | 500 | 542 | 1044 | 500 | 544 | 1044 | 500 | 544 |

**Диаграммаи №9. Нақшаи дурнамои афзоиши саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)**



| | Чорвои калони шохдор | аз он ҷумла, модагов | Бузу гӯсфанд | Асп | Парранда | Занбӯри асал (оила) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 34157 | 15869 | 55494 | 2164 | 70722 | 1177 |
| 2016 | 34168 | 15880 | 55505 | 2170 | 70800 | 1190 |
| 2017 | 34180 | 15895 | 55522 | 2175 | 70900 | 1200 |
| 2018 | 34195 | 15904 | 55536 | 2185 | 71010 | 1210 |
| 2019 | 34215 | 15930 | 55545 | 2195 | 71100 | 1225 |

Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои рушд додани соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст (67,8%-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо 35 ҳазору 819 га) ва ҳамаи хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо чарогоҳҳои зимистона таъмин мебошанд.

М*ушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ аст. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дарояндаи наздик аст.*

***Коркарди пӯст ва пашм.***

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар ноҳия мавҷудбуда, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард истифода намегардад. Бо ин мақсад *«Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015»* ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) тӯли солҳои 2009-2015, зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар ноҳияҳои чорводорӣ ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст. Тайи 20 соли охир дар ноҳия ҷамъоварии пӯсту пашм ба роҳ монда нашудааст, ки ин базарари хоҷагиҳои чорводор мебошад.

**Паррандапарварӣ.** Дар ноҳия 70 ҳазору 695 сар парранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 15,1 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 84,9фоиз ба аҳолӣ рост меояд. Бо мақсади

рушди соҳаи паррандапарварӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10.2006 №451 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2015» ба тасвиб расидааст, ки дар заминаи он дар ноҳия бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ фабрикаи паррандапарварии ҶСШК «Хоҷа Мастон» ташкил карда шуд, ки мутаассифона, то кунун фаъолият намекунад.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Истеҳсоли асал дар ноҳия аз 9,7 тоннаи соли 2010 ба 21 тонна дар соли 2013 расонида шуд, ки ин нишондиҳанда ба 11,3 тонна ва ё 116,5 фоиз зиёд мебошад. *Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст.*

**Соҳаи байторӣ.** Рушди соҳаи чорводорӣ, асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хадамоти сифатноки байторӣ ҷиҳати саривақт пешгири намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Дар ноҳия як идораи байтори 8 адад клиникаи хусуси байторӣ 5 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, 1 адад озмоишгоҳ, 1 адад ҷои махсуси забҳи чорво, 1 адад Ассотсиятсия ва 2 адад дорухонаҳои байторӣ фаъолият дорад.

Дар соли 2012 бо мақсади беҳтар намудани таъминоти клиникаҳои байтории хусусӣ (3 адад) бо таҷҳизотҳои лозимиии замонавӣ аз ҷониби Ассотсиятсия байторони Тоҷикистон (АБТ) кӯмакҳои моддӣ расонида шуд. Мутаассифона, дигар муассисаҳои соҳа дар шароити номувофиқи корӣ фаъолият намуда, ба чунин кӯмак ва дастгириҳо эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин аз 5 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъие, ки дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуданд, танҳо 3 адади онҳо пурра фаъолият мекунанду халос.

**Моҳипарварӣ.** Тибқи маълумотҳои расмӣ истеҳсоли моҳӣ дар миқёси вилоят 27,2 фоизро ташкил медиҳад. Ҷойгир будани ноҳия дар канори дарёи Вахш барои бунёди ҳавзҳо ва ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ шароити мусоидро фароҳам меорад. Дар ноҳия 1 хоҷагии моҳипарварии махсусгардонидашудаи «Моҳии хушзот» ва 17 хоҷагии деҳқонии моҳипарварии хурд фаъолият дорад. Майдони умумии заминҳои ба моҳипарварӣ фарогирифташуда 789 гектарро ташкил медиҳад.

Бо мақсади рушди соҳаи мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 №306 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2009-2015» қабул карда шудааст, ки дар заминаи он дар ноҳия истеҳсоли моҳӣ аз 234,9 тоннаи соли 2012 ба 306 тонна дар соли 2013 расонида шуд, ки ин ба 30,3 фоиз зиёд мебошад. Тибқи қарори мазкур дар заминаи хоҷагии моҳипарварии махсусгардонидашудаи «Моҳии хушзот» расонидани истеҳсоли моҳӣ то ба 650 тонна пешбинӣ гардидааст.

**2.2. Соҳаи саноат**

Дар ноҳия 13 адад корхонаи хурду миёнаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин 12-тоаш фаъолият дорад. Таҷҳизот ва технологияи корхонаҳо куҳна ва фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонанд.

Ҳадафи асосии Барнома дар ин самт ин баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи саноатӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири замонавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Соҳаи саноати ноҳия асосан дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, хӯрокворӣ ва коркарди махсулоти кишоварзӣ махсус гардонида шудааст.

Соли 2013 дар ноҳия 68,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуд, ки ин дар қиёс ба соли 2010 57 фоиз ва ё 25 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи нақшаи дурнамо расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2019 ба 106 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соли 2013 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2010 – 57 фоиз афзоиш ёфта, **2,1** фоизи маҳсулоти умумии саноатии вилоятро дар соли 2012 ташкил дод. Аз рӯи

нишондиҳандаи дурнамо аз ҳисоби ба кордарории иқтидорҳои нав соли 2018 дар қиёс ба соли 2013 болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 27,0 фоиз дар назар дошта шудааст.







Ҳамчунин дар панҷ соли оянда дар ноҳия бунёди корхонаи хурду миёнаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

*Ҷадвали № 1. Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ*

| Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Самти фаъолият ва намудҳои маҳсулот | Иқтидори лоиҳавӣ | Истеҳсоли воқеӣ | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот | Микдори умумии коргарон (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Матбуот | Бланка ва чопи рӯзномаҳо | 800 ҳазор дона | 131 ҳаз.дона | Таҷҳизот кӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Минтақаи Хатлон | 3 |
| Ҷамъияти матлубот | Нон ва маҳсулоти нонӣ, қаннодӣ | 200 | 145 тонна | Таҷҳизот нав | Минтақаи Хатлон | 10 |
| ҶДММ «Сафо» | Нахи пахта, пумба | 12000 тонна | 1459,6 тонна | Таҷҳизот кӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Россия, Эрон, Турсия, Афғонистон | 104 |
| ҶДММ «Навобод» | Нахи пахта, пумба | 5000 тонна | 2681 тонна | Таҷҳизот кӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Россия, Эрон, Турсия, Афғонистон | 34 |

| Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Самти фаъолият ва намудҳои маҳсулот | Иқтидори лоиҳавӣ | Истеҳсоли воқеӣ | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот | Миқдори умумии коргарон (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «КПП Баркати Ҷомӣ» | Нахи пахта, пумба | 10000 тонна | 2626,1 тонна | Таҷҳизот кӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Россия, Эрон, Турсия, Афғонистон | 87 |
| ҶДММ «Беҳрузи Мурод» | Нахи пахта, пумба | 20000 тонна | 3192 тонна | Таҷҳизот нав | Россия, Эрон, Турсия, Афғонистон | 92 |
| ҶДММ «Гулдара С» | Нахи пахта, пумба | 4000 тонна | 1060,6 тонна | Таҷҳизот кӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Дохили Тоҷикистон | 26 |
| Тоҷик хайли | Биринҷ | 2000 тонна | 43,7 тонна | Таҷҳизот нав | Дохили Тоҷикистон | 4 |
| ҶДММ «Бобои Азиз» | Нахи пахта | 500 | 1300 тонна | Таҷҳизот нав | Дохили ноҳия | 10 |
| ҶДММ «Сомон ФМ» | Сангу шағал | 20000 | 9500 тонна | Таҷҳизот нав | Дохили ноҳия | 3 |
| ҶДММ «Нусрат» | Роҳравҳо | 10000 | 244,7 м2 | Таҷҳизот нав | Минтақаи Хатлон | 10 |

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати ноҳия тибқи нақшаи дурнамо дар панҷ соли оянда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.


*Диаграммаи №3. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тибқи* **нақшаи** *дурнамои солҳои 2015-2019(дар шакли натуравӣ)*

| | Хишт (хаз. дона) | Нахи пахта (тонна) | Равғани растанӣ (тонна) | Гӯшт (тонна) | Орд (тонна) | Нон ва маҳсулоти нонӣ | Маҳсулотҳои қаннодӣ | Мева ю сабзавот (1000 қутии шартӣ) | Оби ганок (1000 дав) | Консерва (қутӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 1563 | 5000 | 265 | 269 | 7029 | 635 | 43 | 16 | 0,7 | 103 |
| 2016 | 1641 | 5250 | 281 | 282 | 7380 | 667 | 46 | 17 | 0,7 | 104 |
| 2017 | 1723 | 5512 | 294 | 296 | 7750 | 700 | 48 | 18 | 0,7 | 105 |
| 2018 | 1810 | 5788 | 358 | 321 | 8137 | 745 | 56 | 19 | 0,8 | 106 |
| 2019 | 1882 | 6020 | 411 | 340 | 8460 | 780 | 62 | 20 | 0,9 | 107 |

Мувофиқи ҳисоботи оморӣ 2-тп (ҳаво) барои се соли охир чунин аст:

*Ҷадвали №2. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатии ноҳияи А. Ҷомӣ*

| Номгӯйи моддаҳои зараровар | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 393,9 | 294,6 | 414,6 | 415,3 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 2623 | 262,7 | 375,5 | 376,0 |
| Газмонанд ва моеъ: | 31,6 | 31,9 | 39,1 | 39,3 |

**2.3. Соҳибкории хурду миёна**

**Зарурияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ**. Соҳибкорони хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия нақши калон мебозанд.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии СХМ (ҳаз.сомонӣ)*




СХМ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ бахусус дар самти хоҷагии қишлоқ нақши беандоза мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар сектори хусусӣ 60 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1: Шумораи субъектони СХМ аз рӯи соҳаҳо (ба ҳолати 01.01.2014.)*

| Соҳаҳои иқтисодӣ | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифта | |
|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Хоҷагии қишлоқ бо назардошти коркард | 460 | 1116 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 2 | 147 |
| Тиҷорат | - | 900 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 1 | 60 |
| Сохтмон | 4 | - |
| Хизматрасонии молиявӣ | - | 4 |
| Ҳамагӣ: | 467 | 2227 |

Таи чор соли охир аз рӯи воридоти маблағҳо ба буҷети маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо кишоварзӣ дар ҷои аввал, савдо ва хизматрасонӣ дар ҷои дуввум ва саноат дар ҷои сеюм меистад.

*Ҷадвали №2. Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз СХМ (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 7798,9 | 10539,3 | 11890,1 | 12271,5 |
| Саноат | 190,0 | 1099,0 | 3011,5 | 3030,1 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 3830,9 | 4149,8 | 4926,8 | 5810,4 |
| Ҳамагӣ: | 11819,8 | 15788,1 | 19828,4 | 21112 |

***Хизматрасонӣ барои рушди бизнес.*** Дар солҳои 2010-2013 тавассути бонкҳо 73,9 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла, кишоварзӣ – 39,1 млн. сомонӣ, саноат 7,5 млн. сомонӣ, соҳибкорӣ 21,0 млн сомонӣ, сохтмон – 368,8 ҳазор сомонӣ, талаботӣ иҷтимоӣ – 920,9 ҳазор сомонӣ ва дар дигар соҳаҳо 5,1 млн. сомониӣ қарз дода шудааст.

Тӯли чор соли охир дар ноҳия дар самти пешниҳоди қарзҳо филиали "Тоҷиксодиротбонк" дар ҷои аввал (56,4 фоиз), дар ҷои дуввум ташкилоти қарздиҳии хурди "Имон Интернейшнл" (12,8 фоиз) ва дар ҷоии сеюм ташкилоти қарздиҳии хурди "Финка" (11,2 фоиз) меистад.

Ҳамзамон дар солҳои 2010-2013 тавассути бонкҳо интиқоли малағҳо аз хориҷи кишвар аз муҳоҷирони меҳнатӣ 152,4 млн. доллари ИМА, 2 милиарду 174,7 млн рубли русӣ ва 35,2 ҳазор евро ворид шудааст.

**Диаграммаи №2. Пешниҳоди қарзҳои бонкӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия дар тӯли солҳои 2010-2013 (ҳазор сомонӣ )**




## 2.4. Сохтмон

Дар ноҳияи А. Ҷомӣ 8 ташкилоти сохтмонӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 82 нафар кормандон фаъолият мекунанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷуда дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмони буда, беш аз 17 ададро ташкил мекунад.

Дар соли 2013 тавассути ин ташкилотҳо 1 млн. 229,4 ҳазор сомонӣ корҳои пудратӣ ё 99% ба сомон расонида шуд, ки нисбати соли 2011 – 10,2 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон, тавассути ташкилотҳои мазкур тӯли солҳои 2012-2013 сохтмони 31 иншооти ҷашнӣ ба анҷом расонида шуд, ки дар бунёди онҳо маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардид.

Тӯли солҳои 2015-2019 дар ноҳия сохтмону барқарорсозии зиёда аз 12 иншоот аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ба нақша гирифта шудааст, ки сохтони онҳо аз тарафи ташкилотҳои номбурда амалӣ мешаванд. Ҳамзамон, дар ноҳия 1 иншооти сохтмонаш нотамом боқи мондааст, ки сохтмонаш дар соли 1990 оғоз гардида буд.

*Ҷадвали №1. Номгӯи иншоотҳои сохтмонашон нотамом (ҳазор сомонӣ)*

| Номгӯи иншоотҳо | Соли оғоз ва ба итмомрасонӣ | Арзиши сметавӣ | Азхудкунии маблағҳо | %-и корҳои иҷрошуда | Пешниҳод |
|---|---|---|---|---|---|
| Мактаб барои 464 хонанда дар деҳаи Яккатути деҳаи Яккатут | 1990 | 739,1 (нархҳои соли 1980) | 320,6 | 43,3 | Сохтмон идома дода шавад |

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимест, ки барои рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Шумораи аҳолии ноҳия аз рӯи маълумотнокӣ чунин аст: дорои маълумоти олии касбӣ 2151 нафар (аз ҷумла, 270 нафар зан), дорои маълумоти миёнаи касбӣ 3106 нафар (аз ҷумла, 672 нафар зан)ва дорои маълумоти миёнаи умумӣ 39470 нафар (аз ҷумла, 17651 нафар зан).

*Диаграммаи №1. Сатҳи маълумотноки аҳолии ноҳия (тибқи баруихатгирии аҳолӣ дар соли 2010).*




Дар системаи маорифи ноҳия - 6 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 45 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 10 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 7 мактаби таҳсилоти умумии ибтидоӣ ва 1 литсей-интернати бачагони болаёқати ноҳия фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии мактабҳо 52 мактаб ба забони тоҷикӣ, 3 мактаб ба забони ӯзбекӣ, 8 мактаби тоҷикию ӯзбекӣ амал доранд. Илова бар ин дар ноҳия 1 адад Коллеҷи омӯзгорӣ (гурӯҳҳои таълимии коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав), 1 адад Коллеҷи тиббӣ (филиали Коллеҷи тиббии шаҳри Қурғонтеппа), 1 Литсеи техникии №37, 1 Иттифоқи автомобилчиён, 1 Клуби варзишӣ-техникии Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиавӣ (ТҶММ), Кумитаи ноҳиявии Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиавӣ (ТҶММ), 1 адад Иттифоқи автомобилчиён ва 1 Маркази таҳсилоти иловагӣ фаъолият доранд.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳия 6 боғчаи кӯдакон (дорои 27 гурӯҳ: фаъолият мекунад, ки 660 нафар кӯдакон ба он фаро гирифта шудааст. Фарогирии кӯдакон (сини 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ 4,8%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи хеле паст арзёбӣ мегардад. Талабот ба муассисаҳои томактабӣ дар ноҳия зиёд аст, вале аз сабаби маҳдуд будани ҷой ва набудани кӯдакистон на ҳамаи кӯдакон ба он дастрасӣ доранд (зиёда 50 нафар барои ҷой дархост намудаанд). Дар кӯдакистонҳои мавҷуда 33 нафар мураббӣ бо маълумоти педагогӣ ба таълиму тарбияи наврасон машғул мебошанд.

Мушкилоти асосии дар ноҳия мавҷуд буда, ин ба таъмири асосӣ ниёз доштани боғчаи кӯдаконаи №1 ва №5 мебошад. Дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани системаи зарурии гармидиҳӣ биноҳо ба воситаи таҷҳизоти гармидиҳии алобӣ (печкаҳо) гарм карда мешаванд. Мушкилоти дигари ташвишовар ин набудани системаи оби нӯшокӣ дар муассисаи томактабии №6 ва кӯдакистони №1 ба ҳисоб меравад.

Дар ноҳия ягон муассисаи томактабии хусусӣ вуҷуд надорад. Аз ин нуқтаи назар ташкил намудани муассисаҳои томактабии хусусӣ метавонад ба муҳити рақобати софдилона ва табиӣ таъсири мусбӣ расонад.

***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2013 - 2014 ба 31 ҳазору 996 нафар баробар буда, аз ин 15 ҳазору 20 нафар ва ё 46,9 фоизшонро духтарон ташкил медиҳанд.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз мактаб берун мондани хонандагон баъд аз хатми синфи 9-10 мебошад.

Таҳлили солҳои охир нишон дод, ки ҳангоми аз синфи 9 то 11 гузаштан 14 фоизи шумораи духтарон коҳиш меёбад, ки ин боиси нигаронӣ мебошад. Ҳавасманд намудани ҳамаҷонибаи онҳо ва фарогирии аксари онҳо ба курсҳои миёнамӯҳлати таълимӣ, махсусан курсҳои омӯзишии компютерӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа маҳсуб меёбад.




Шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2013-2014 ба 31 ҳазору 996 нафар баробар буда, аз ин 58,1 фоиз дар басти аввал, 40,3 фоиз дар басти дуюум ва 1,6 фоиз дар басти сеюм таҳсил менамоянд.




Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 талаба муқаррар гардидааст. Айни замон, дар баъзе мактабҳо шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 34-36 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат намекунад.

Солҳои охир мушкилоти дигари мавҷудаи ситемаи маориф ин нарасидани синфхонаҳои таълимӣ дар мактабҳои № 4, 17, 18, 22, 30, 34, 38, 54, 59 ва №60 мушоҳида намудан мумкин аст.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз нарасидани озмоишгоҳҳои фаннӣ (химия, биология, физика), воситаҳои таълимӣ (мизу курсӣ, тахта, компютер, принтер ва ғайра) танқисӣ мекашанд.

*Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.* Бо мақсади бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010. №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ҳар нимсола ба 15 фоизи онҳо ҷубронпулӣ ба миқдори 20 сомонӣ пардохт карда мешавад.

Дар ноҳияи А. Ҷомӣ соли 2013 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (яке волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак)) ба мактаб аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 4190 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ маблағи 167,6 ҳазор сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 40 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 01.01.2014 беш аз 1 ҳазору 389 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 653 нафар ва ё 47,1 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №3. Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1298 | 1290 | 1389 | 107 |
| аз ҷумла, занон | 566 | 542 | 653 | 115 |
| Дорои маълумоти олӣ | 569 | 571 | 699 | 123 |
| аз ҷумла, занон | 143 | 147 | 187 | 131 |
| Олии нопурра | 27 | 13 | 16 | 59 |
| аз ҷумла, занон | 5 | 3 | 5 | 100 |
| Миёнаи касбӣ | 519 | 486 | 509 | 98 |
| аз ҷумла, занон | 306 | 298 | 328 | 107 |
| Миёнаи ибтидоӣ | 151 | 193 | 165 | 109 |
| аз ҷумла, занон | 80 | 81 | 121 | 151 |
| Муаллимони аз коррафта | 86 | 62 | 78 | 91 |
| аз ҷумла занҳо | 9 | 4 | 3 | 33 |
| Норасогии кадрҳо | 43 | 36 | 32 | 4 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 226 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 16 нафар омӯзгорони соҳибхтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ, математика, физика, химия, таърихи ҳуқуқ ва омодагии дифои ҳарбӣ) намерасад.

Ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, ки дар солҳои 2011-2013 тибқи нақшаи пешбинишудаи ҳамагӣ 20% омӯзгорон ва ё зиёда аз 750 нафар таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам беҳтар намуданд.

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба 01.01.2014 - 329 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 228 нафар духтарон) ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон аз ин шумора 1 нафари он (писар) ба таълими инфиродӣ фаро гирифта шуда, дигар маъюбон дар муассисаҳои таълими ба таҳсил фаро гирифта шудааст.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи

давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои ҳалталаб, ба монанди аз вагонхонаҳо баровардани мактабҳо боқӣ мондааст. Ин мушкилот бештар дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №19 ба мушоҳида мерасад.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ махсусан дар мактаби ибтидоии №49 ҷамоати деҳоти Якатут, мактаби миёнаи №25 ҷамоати деҳоти Дӯстӣ, мактаби миёнаи №4 ҷамоати деҳоти Калинин ва дар мактаби миёнаи №1 ҷамоати шаҳраки А. Ҷомӣ (бинои иловагӣ), мактаби таҳсилоти умумии №17 (бинои якум) ба миён омадааст, ки аҳамияти ҷиддиро талаб менамояд.

Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯхияи баланд тарбия намудани кардҳои ояндадор дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 19 адад толорҳои варзишӣ ва 52 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст. Новобаста аз ин, таъмирталаб будани толорҳои варзишӣ дар мактабҳои №№ 3, 5, 8, 9, 21, 40 ва 55 мушкилотҳои зиёдро ба бор меоварад.

*Компютеркунонии мактабҳо.* Ба 01.01.2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 56 синфи компютерӣ ташкил кардашуда дар онҳо 907 адад компютер, 207 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 14 хонанда рост меояд. Айни замон, "Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015" пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 95 адад генератор мавҷуд аст.

**Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Ба сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар мактабҳои деҳот аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Ин мушкилиро бештар дар мактабҳои №№ 19, 21, 46, 50, 41, 25, 35, 27, 58, 59, 15, 38 ва 45 дидан мумкин аст.

Ба сабаби кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд. Бештар дар ҳолати корношоям қарор доштани системаи гармидиҳии мактабҳои №№ 3, 5, 8, 9, 11, 12, 13, 16, 20, 21, 23, 28, 29, 36, 40, 42, 45, 55 ба назар мерасад.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2007 таҳти №505 «Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» аз 1 январи соли 2009 дар ноҳия 63 муассисаи таълимӣ (46 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 10 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ, 7 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ) ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудаанд.

*Диаграммаи №4. Маблаггузории соҳа дар тӯли солҳои 2011-2013 (ҳазор сомонӣ)*



Бо ин мақсад тӯли солҳои 2011-2014 ба 63 муассисаи таълимӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 55 млн. 473,3ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 ба миқдори 26 млн. 882,1 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 14 млн. 360 ҳазор сомонӣ ё 114,5 фоиз зиёд мебошад.

Тибқи дурнамо дар соли 2014 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷет ҷудо намудани 26 млн. 882,1 ҳазор сомонӣ дар назар дошта шудааст.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Ба ҳисоби миёна дар се соли охир 544 нафар, ё худ 19,4 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия (аз ҷумлаи онҳо 201 нафар ё 12,3 % духтарон) ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳру ноҳияҳои Қурғонтеппа ва Душанбе, барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил мешаванд. Илова бар ин дар тӯли солҳои 2011-2013 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 64 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия) таҳсил менамоянд.




Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи Президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2011 - 2013 тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 58 нафар дохил шуданд, ки 28 нафар писар ва 30 нафарашон духтарон мебошанд.

Тибқи нақшаи дурнамои соли 2014 қабули 21 нафар хонандагон ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси кишвар аз ҳисоби квотаи Президентӣ дар назар дошта шудааст, ки аз ин 11 нафарашон духтарон мебошанд.

**Гурӯҳҳои таълимии Коллеҷи омӯзгорӣ.** Дар асоси фармони Вазири Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи августи соли 2008 дар ноҳияи Абдурахмони Ҷомӣ гурӯҳҳои таълимии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав кушода шуд.

Шумораи омӯзгорон дар гурӯҳҳои таълимӣ 11- нафар буда, аз ин 2 нафарашон зан мебошанд. Ҳамаи омӯзгорон дорои маълумоти олӣ- омӯзгорӣ мебошанд.

Дар соли 2013 шумораи умумии донишҷӯён 239- нафарро ташкил дода, аз ин 148- нафаррашон духтар мебошад. Дар ин давара муассисаи мазкурро 138 нафар хатм намудааст, ки аз ин 92 нафарашон духтар мебошад.

**Литсейи касбӣ-техникӣ.** Муассисаи таълимии давлати омӯзишгоҳи касбӣ–техникии №37 Абдураҳмони Ҷомӣ бо қарори пленуми котиботи КПСС соли 1953 бо мақсади тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ моҳи ноябри соли 1960 ҳамчун Омӯзишгоҳи касбӣ техникии №37-и ноҳияи Куйбишев таъсис ёфтааст. Муассисаи таълимӣ аз 1 ноябри соли 2012 бо Литсейи касбӣ-техникӣ гузаронида шудааст. Дар литсейи касби техникӣ 23 нафар омӯзгорон ва муаллимони ботаҷриба дорои маълумоти миёнаи касбӣ кор мекунанд, аз инҳо 6 нафарашон занон мебошад.

Дар се соли охир Литсейи касбӣ-техникии мазкурро беш аз 322 нафар аз руӣ ихтисосҳои трактори машинаи истеҳсоли кишоварзӣ, ронандаи дараҷаи «С», дӯзанда, устои барқ ва кавшергари барқӣ хатм намуданд.

*Ҷадвали №4. Шумораи умумии хонандагони Литсейи касбӣ-техникӣ дар тӯли солҳои 2011–2013 (нафар)*

| Солҳо | Умумӣ | Писар | Духтар |
|---|---|---|---|
| 2011 | 180 | 120 | 60 |
| 2012 | 130 | 88 | 42 |
| 2013 | 130 | 80 | 50 |

**Гурӯҳи мақсадноки назди Коллеҷи тиббии шаҳри Қурғонтеппа.** Гуруҳи мазкур аз соли 2003 дар назди сохтори бистарии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун «Филиали коллеҷи тибби шаҳри Қурғонтеппа амал мекунад. Дар муассисаи таълимии мазкур 25 нафар омӯзгорони бо таҷриба ба таълиму тарбия машғул мебошад. Дар соли 2013 шумораи умумии донишҷуён 46 нафарро ташкил дода, аз ин 35 нафарашон духтар мебошад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин ба таъмиру тармим ниёз доштани синфхонаҳои таълимӣ, нарсидани компютер (6 адад), мизу курсӣ (40 маҷмӯъ) ва китобҳои фаннӣ (300 нусха) мебошад.

**3.2. Соҳаи тандурустӣ.**

***Ҳолати умумӣ***. Соҳаи тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб ёфта, дар бартараф намудани мушкилотҳои муҳими хусусияти иҷтимои дошта ва дар ин замина беҳбудӣ бахшидан ба саломатии аҳолӣ нақши муҳим мебозад.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 55-63 сол буда, барои мардон 53–61 сол ва барои занон бошад 69-79 солро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур дар ноҳия назар ба дигар ноҳияҳои вилоят 4 - 6 сол пастар аст.

Бо назардошти он, ки аз 8 ҳадафи ҳуҷҷати стратегии сатҳи миллӣ, яъне Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола 3 – тои он ба соҳаи тандурустӣ тааллуқ дорад (кам кардани сатҳи фавти кӯдакон (Ҳадафи 4), беҳбудии ҳифзи модарон (Ҳадафи 5) ва мубориза ба муқобили ВНМО/БПНМ, вараҷа ва сил (Ҳадафи 6) бинобар ин таҳлил намудани нишондиҳандаҳои мазкур аҳамияти хосаро ба худ талаб менамояд. Дар ин хусус кӯдакони синну соли 0-14 аҳолӣ дар давраи солҳои 2009-2012 ба 2,1% кам шудаст, таваллуд бошад ба 4546 нафар расидааст. Аз ҳамин ҳисоб фавти кӯдакон дар МТН-ноҳия, аз асфиксия ба 0,3% рост меояд.

***Саломатии модар ва кӯдак:***

*Ҷадвали №1. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар*

| Нишондод | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 4798 | 4514 | 4546 | 4805 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 4037 | 3930 | 4120 | 4799 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 84,2 | 87,1 | 90,6 | 73,3 |
| Таваллуд дар хона | 761 | 584 | 426 | 279 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 15,8 | 12,9 | 9,4 | 0,8 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | - | - | - | 1 |

Шумораи умумии таваллуд дар соли 2013 нисбат ба соли 2010 ба 11,1 фоиз коҳиш ёфта, аз ин шумора 73,3 фоизи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ сурат гирифтааст. Дар соли 2013 нисбат ба соли 2010 шумораи таваллуд дар хона 14,8 фоиз камтар шудааст, ки аз беҳтар шудани фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва баланд гардидани маърифати истифодабарии хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби аҳолӣ дарак медиҳад.

*Ҷадвали №2. Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондод | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 5110 | 5109 | 5112 | 5717 |
| Камхунӣ | 1741 | 648 | 738 | 736 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 34,0 | 12,7 | 14,4 | 13,0 |
| Гирифтори ҷоғар | 282 | 171 | 209 | 119 |
| Бо ҳисоби фоиз (%): | 5,5 | 3,3 | 4,1 | 2,5 |

Таи чор соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда ба ҳисоби миёна 13 % ва ҷоғар 2,5 % паст бошад ҳам, дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар ва кӯдак).

*Ҷадвали №3. Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2010-2013*

| Нишондод | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 129 | 171 | 124 | 126 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 2,6 | 3,7 | 2,7 | 2,9 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 97 | 119 | 90 | 86 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 2,0 | 2,6 | 1,9 | 2,1 |

Фавти кӯдакони то як сола таи як соли охир қариб 0,7 фоиз паст шудааст.

***Бемориҳои сироятӣ***

*Ҷадвали № 4. Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 160 | 168 | 126 | 99 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 113,7 | 119,4 | 87,3 | 66,6 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 44 | 22 | 30 | 42 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 31,3 | 15,6 | 20,8 | 28,2 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | - | - | - | - |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | - | - | - | - |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меда | 321 | 274 | 309 | 171 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 228,9 | 194,8 | 214,0 | 114 |
| Гелминтоз | 78 | 133 | 284 | 313 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 55,4 | 94,5 | 196,7 | 217,2 |
| Табларза (малярия) | - | 1 | - | - |
| Бемории ВНМО | 4 | 11 | 12 | 4 |
| Ҳамагӣ, аҳолӣ | 140671 | 140671 | 144385 | 149291 |

Дар ҳамкории зич бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид тӯли солҳои 2011-2012 бо маблағгузории Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа дар ҷамоатҳои «50-солагии Тоҷикистон», «Яккатут», Калинин ва «Арал» лоиҳаи «Ҷомеаи солим» амалӣ гардид. Дар ин давра, беш аз 10 ҳазору 331 нафар аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба омӯзишҳои саҳроӣ фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар доираи лоиҳаи мазкур 246 нафар бо аломатҳои бемории сил ба Маркази мубориза бар зидди сил барои ташхис равона карда шуданд, ки дар натиҷа сироят шудани 12 нафари он бо ин намуди бемори тасдиқ гардид.

Дар Маркази ВНМО 217 нафар зан бо роҳхати кормандони лоиҳа ба ташхис барои муайян кардани бемории ВНМО равона карда шуданд, ки 35 нафари он аз ташхиси бемории сил ва 32 нафари дигар бошад аз ташхиси бемориҳои зуҳравӣ гузаштанд.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳияи А. Ҷомӣ бемориҳои захми меда, газаки меда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳияи А. Ҷомӣ аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар панҷ соли оянда самти асосии Барномаи мазкур аст. Аз ҷумла:

– набудани ҷомашӯйхона беморхонаи марказии ноҳия (БМН);
– набудани автоклави мутамарказонидашуда;
– набудани шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакона;
– ҷойгир будани 3 адад бунгоҳи тиббӣ дар вагонҳо;
– таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ;
– пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ;
– фарсуда ва корношоям гардидани шабакаи гармидиҳии беморхонаҳои минтақавӣ ва рақамӣ;
– набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия;
– набудани бинои расмии Маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия.

*Ҷадвали 6. Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 360 | 239 | 69 | 52 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 66,4 | 19,2 | 14,4 |
| Хадамоти бистарӣ | 309 | 126 | 41 | 142 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 40,8 | 13,3 | 46,0 |

### 3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

Дар ноҳияи А. Ҷомӣ 31 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст 1 қасри фарҳанг, 7 клуб,12 китобхона (1 марказӣ, 1 бачагона, 1 шакли шаҳрӣ ва 9 деҳотӣ), 1 мактаби бачагонаи мусиқӣ, 1 боғи фарҳанг ва фароғатӣ, 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 3 Хонаи фарҳанги деҳот, 1 радиои маҳалии, 1 клуби сайёр Ансамбли халқии тарона ва рақси «Ғунча» ва Ансамбли эстрадии «Шабчароғ».

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия 87 нафарро ташкил дода, аз ин 12 нафар дорои маълумоти олӣ 16 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 20 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 39 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд, ки аз ин 17 нафарашон кормандони техники мебошанд.

**Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ.** Осорхонаи мазкур соли 1990 сохта маврид баҳрабардорӣ қарор гирифта, аз 4 шӯъба: шӯъбаи то инқилобӣ, шӯъбаи даврони РКСО (инқилоби касири сотсиалистии октиябр), шӯъбаи замони Ҷанги бузурги ватанӣ (ҶБВ) ва шӯъбаи замони муосир иборат мебошад. Дар ин осорхона беш аз 156 расму ҳуҷҷатҳо ва 882 дона гӯшаҳо мавҷуд аст, ки тасвиркунандаи таърихи гузаштаю имрӯза ва фарҳанги ниёгони мардуми заҳматкаши ноҳия мебошад. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин ба таъмиру азнавсозӣ низ доштани осорхонаи номбурда мебошад.

**Боғи фарҳанг ва истироҳатӣ.** Боғи фарҳанг ва истироҳатии ноҳия соли 1968 дар майдони 5 гектар ташкил гардида, ба тобеияти шӯъбаи фарҳанг мансуб аст.

Дар ноҳия 12 китобхонаҳои оммавӣ фаъолият доранд, ки аз ин китобхонаи марказӣ, бачагона ва шакли шаҳрӣ дар мувозинаи бахши фарҳанги ноҳия буда, 9 адад китобхонаҳои деҳот дар мувозинаи ҷамоатҳои деҳот мебошанд. Инчунин дар соли 2013 дар деҳаи Зарнисори ҷамоати деҳоти «50-солагии Тоҷикистон» бо ташаббуси соҳибкорон ва сокинони махал як китобхонаи нав сохта ба истифода дода шуд. Дар китобхонаҳо китобҳои тозанашр, рафҳои китобмонӣ ва таҷҳизоти компютерӣ аз ҷумлаи мушкилотҳо мебошанд.

### 3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии ноҳияи А.Ҷомӣ то 1 январи соли 2014–150,1 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 72,7 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

*Ҷадвали №1. Шумораи нафақахӯрон*
*аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2010-2013*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2013 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол) | 6239 | 6568 | 6680 | 7047 | 113 |
| Маъюбон | 1977 | 1978 | 1854 | 2327 | 117,7 |
| Маъюбони модарзод | 334 | 425 | 335 | 391 | 117 |
| Бесаробонмондагон | 954 | 885 | 947 | 856 | 90 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 9504 | 9856 | 9816 | 10266 | 104,5 |
| Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи хизматрасонии коммуналӣ (нерӯи барқ) мегиранд. | 4216 | 5064 | 3174 | 2418 | 57,4 |

Шумораи нафақахӯрон сол то сол ру ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2013 нисбат ба соли 2010 ба 4,5 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аҳамияти бештарро ба худ талаб менамояд.

Ба 01.01.2014 дар ноҳия 12 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 22- нафар маъюбони Чернобил ва 2327 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 1303 зан ва 1022 нафар мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курси-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (ассо, узвҳои сунъи (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд. Бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талаботи маъюбон ба курсӣ-аробачаҳо эҳтиёҷоти умумӣ тибқи дурнамо дар давраи солҳои 2014 - 2018 беш аз 80 ададро ташкил медиҳад.



Дар ин давра (ба 01.01.2014) дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақа 209,2 сомонӣ, аз ҷумла аз руйи пиронсолӣ 206,1 сомони, аз руйи гум кардани яке аз волидайн 226,2 сомони, аз руйи маъюби 262,1 сомони ва нафақаи иҷтимоии 97,8 сомониро ташкил медиҳад.

Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагие, ки барои истифодаи нерӯи барқ кумакпулӣ мегиранд 2418 ададро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2010 ба 42,6 фоиз коҳиш ёфтааст, ки аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ дарак медиҳад.

Бо мақсади дастгирии молиявии кӯдакони синни мактабӣ аз оилаҳои камбизоат дар соли 2013 барои 4087 нафар дар ҳаҷми 163,4 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шуд. Ҳамзамон, дар ин давра баҳри дастгирии оилаҳои камбизоат (2418 оила) дар ҳаҷми 484,1 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шудааст.

Талаботи умумии моҳонаи нафақа ба ҳолати 01.01.2014 -2147,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 1105,9 ҳазор сомонӣ ва ё 2 маротиба афзоиш ёфтааст.




Дар соли 2013 ҳаҷми миёнаи нафақа 209,2 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 112,65 сомонӣ ва ё 85,7фоиз зиёд мебошад.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.**

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2010-2013 аз ҷониби шӯъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 7374 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 1999 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд.

*Ҷадвали №2 Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии н. А. Ҷомӣ барои солҳои 2010-2013*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2013 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2011 | | 2012 | | 2013 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1400 | 1619 | 1450 | 1670 | 1500 | 1515 | 2531 | 2570 | 158,7 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 421 | 452 | 421 | 459 | 480 | 551 | 480 | 537 | 118,8 |
| Касбомузӣ | 30 | 30 | 56 | 56 | 110 | 110 | 145 | 175 | 583,3 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 50 | 51 | 50 | 102 | 51 | 51 | 51 | 51 | 100 |

Дар доираи “Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи А.Ҷомӣ барои солҳои 2012-2013” дар давоми солҳои 2012-2013 беш аз 175 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати

касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб - компютер) хатм намудаанд.




Таҳлили дар диаграмма овардашуда нишон медиҳад, ки буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, соли 2013 - 90,1 фоизи он ба ин соҳа равона шуда, дигар хароҷот 8,9 фоизро ташкил медиҳад.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2010-2013 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пули аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2013 нисбат ба соли 2010 ба андозаи 87,8 фоиз афзуд.

*Ҷадвали №3. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2010-2013*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2013 дар муқоиса бо соли 2010 бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | |
| Саноат | 406,4 | 406,6 | 381,6 | 447,5 | 110,1 |
| Кишоварзӣ | 232,4 | 210,2 | 163,1 | 226,3 | 97,3 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 202,2 | 300,3 | 396,1 | 486,61 | 240,6 |
| Нақлиёт | 162,0 | 148,5 | 290,5 | 410,0 | 253,1 |
| Алоқа | 275,9 | 358,3 | 316,9 | 378,3 | 137,1 |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 248,8 | 308,5 | 425,5 | 587,7 | 236,2 |
| Маориф | 251,9 | 295,3 | 409,8 | 598,3 | 237,5 |
| Тандурустӣ | 234,3 | 326,2 | 428,1 | 557,6 | 237,9 |
| Фарҳанг | 197,1 | 238,6 | 348,8 | 479,4 | 243,2 |
| Бонкҳо | 523,9 | 698,8 | 938,3 | 1187,5 | 226,6 |
| Сохтмон | 256,8 | 260,1 | 320,5 | 455,5 | 177,3 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 231,8 | 272,0 | 294,7 | 428,1 | 184,6 |

**Сатҳи бекорӣ.** Сатҳи бекорӣ дар соли 2013 нисбат ба соли 2010 ба 40,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2013 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда танҳо 41 фоизи он ба кор таъмин карда шудаанду халос.

Айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (72 ҳазору 700 нафар) шумораи бекорон 34 ҳазору 905 нафарро ташкил медиҳад, ки 48,0 фоизашро бекорон ташкил медиҳанд. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Таи чор соли охир дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар тӯли солҳои 2010 – 2013" беш аз 1999 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.




Дар тӯли солҳои 2010-2013 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 88 нафарро ташкил дода, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 157,0 ҳазор сомонӣ баробар аст.




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи А. Ҷомӣ то соли 2018 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад то соли 2018 ташкили 7 ҳазору 860 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Дар соли 2013 шумораи умумии муҳоҷирон 18,5 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010- 4 ҳазору 433 нафар (соли 2010- 14 ҳазору 67 нафар) зиёд гардидааст. Соли 2013 танҳо тавассути 5 филиали бонк (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк Агроинвестбонк, Эсхата ва Ориёнбонк) аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 38,8 млн. доллари ИМА, 1289,1 млн. рубли русӣ ва 31,4 ҳазор евро ворид гаштааст, ки нисбати соли 2010 9,5 млн. доллари ИМА, 711,4 млн. рубли русӣ ва 16,6 ҳазор евро зиёд мебошад. Аслан муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина сафар менамоянд.

Ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ яке аз афзалиятҳои рушди ноҳия ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2011 №332 “Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013” ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия ва гирду атроф кучонидани 78 оила дар назар дошта шудааст, ки давра ба давра ба анҷом расонида мешавад.

### 3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш

**Соҳаи сайёҳӣ.** Сайёҳӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ҳамчун мавзеи сайёҳӣ дар атрофи ноҳия дарёи Вахш мебошад, ки барои ҷалбӣ сайёҳони дохили ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа айни замон 2 адад хатсайрҳои гуногун ташкил гардидааст, ки ҳамасола аз он тамоми сайёҳон истифода мебаранд.

Ноҳияи А. Ҷомӣ имконият ва иқтидорҳои мусоид барои ҷалб намудани сайёҳон дар самти моҳидорӣ, парвариш ва истеъмоли моҳӣ дошта, самаранок истода бурдани ин иқтидорҳо яке аз афзалиятҳои асосӣ маҳсуб меёбад.

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, № 278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар ноҳия аз нақшаи чорабиниҳои рушди соҳа мушаххас тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст. То соли 2015 барои татбиқи амалии чорабиниҳо 394,5 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳоло дар ноҳия 89 нуқтаҳои варзишӣ мавҷуд аст, ки аз ин 1 майдони варзишӣ дорои 1640 ҷойи нишаст, 52 адад майдончаҳои футбол, 31 адад майдончаи волейбол, 4 толори варзишӣ, 1 майдони туби дастӣ мебошанд ва дар ин иншоотҳои варзишӣ 12,6 ҳазор нафар ба варзиш машғуланд.

Дар ноҳия 1 мактаби варзишӣ фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 11-нафар мутахассисон кор менамоянд.

*Ҷадвали №1. Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010- 2013*

| №. | Солҳо | Мусобиқаҳои ноҳиявӣ | Вилоятӣ | Ҷумҳуриявӣ | Байнал-милалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 8 | 4 | 1 | - | 13 |
| 2 | 2011 | 14 | 7 | 3 | - | 24 |
| 3 | 2012 | 31 | 22 | 8 | - | 61 |
| 4 | 2013 | 20 | 10 | 4 | 1 | 35 |

*Ҷадвали №2. Ҷоизаҳои варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010- 2013*

| №. | Солҳо | Медали тилло. | Медали нукра. | Медали биринҷӣ. | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | - | 3 | 6 | 9 |
| 2 | 2011 | - | 6 | 8 | 14 |
| 3 | 2012 | 2 | 12 | 18 | 32 |
| 4 | 2013 | 3 | 3 | 4 | 10 |

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)

### *4.1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ*

Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат яке аз мақсадҳои асосии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола буда, барои ноҳия афзалияти аввалиндараҷа дар панҷ соли оянда аст. Аз рӯи маълумоти расмӣ беш аз 61,4 фоизи аҳолии ноҳия ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надорад.




Дар ноҳия Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ фаъолият менамояд, ки соли 1957 таъсис ёфта, шумораи умумии кормандон аз рӯи воҳиди корӣ 85 нафарро ташкил медиҳад.

Дар тавозуни корхона 5 адад истгоҳи обкаши оби нӯшокӣ (чоҳҳои амудӣ) мавҷуд аст. Масоҳати умумии шабакаҳои оби нӯшокӣ 32,0 км- ро ташкил медиҳад. Дар ноҳия танҳо 38,6 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 61,4 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Барои беҳбудии корҳо таъмини доимии аҳоли бо оби нӯшокӣ, таъмин намудан дар маркази ноҳия аз 7 майи соли 2014 корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунии шаҳраку деҳот таъсис дода шуда, имрӯзҳо фаъолият дорад.

*Ҷадвали №1. Сатҳи обрасонӣ ба аҳолии маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот*

| № | Қитъаи обрасонӣ | Теъдоди хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷамоатҳо | Аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ дошта | Аҳолие, ки бо оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. | % таъминот (дастрасӣ) бо оби нӯшокӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Иттифоқ | 3063 | 19468 | 11071 | 8397 | 56,9 |
| 2 | Калинин | 2221 | 18804 | 6655 | 12149 | 35,4 |
| 3 | Арал | 2731 | 21707 | 14434 | 7273 | 66,5 |
| 4 | 50 солагии Тоҷикистон | 2576 | 17645 | 9248 | 8397 | 52,4 |
| 5 | Яккатут | 4143 | 23906 | 5344 | 18562 | 22,4 |
| 6 | Ифтихор | 2403 | 13205 | - | 13205 | |
| 7 | Дӯстӣ | 3146 | 18180 | - | 18180 | |
| 8 | шаҳраки А. Ҷомӣ | 2471 | 12345 | 9360 | 2985 | 75,8 |
| | Ҷамъ: | 22754 | 145260 | 56112 | 89148 | 38,6 |

Дар шаҳрак 5 адад (16,7% корношоям) насосҳои обкашӣ ва 32 км. 40 % корношоям) хатҳои обрасонӣ мавҷуд аст, ки аксарияти онҳо дар ҳолати корношоям қарор доранд.

*Ҷадвали №2. Ҳолати мавҷудаи насосҳои обкашӣ*

| № | Қитъаи обрасонӣ | Насосҳои обкашӣ | |
|---|---|---|---|
| | | Теъдод (адад) | Аз ҷумла корношоям |
| 1 | Иттифоқ | 8 | 5 |
| 2 | Калинин | 5 | 3 |
| 3 | Арал | 12 | 9 |
| 4 | 50 солагии Тоҷикистон | 5 | 3 |
| 5 | Яккатут | 6 | 4 |
| 6 | Ифтихор | - | - |
| 7 | Дӯстӣ | - | - |
| 8 | шаҳраки А. Ҷомӣ | 5 | 1 |
| | Ҷамъ: | 41 | 25 |

Аксарияти истгоҳҳо ва иншоотҳои обкашӣ аслан дар солҳои 65-80 – уми асри гузашта сохта шуда, бинобар солҳои тӯлонӣ истифода гардидан ва сари вақт таъмири асосӣ нагузаронидан фарсуда шуда, таъмирталаб мебошанд. Бинобар ин зарурати иваз намудан таҷҳизот ва қубурҳои мавҷуда ба миён омадааст.

*Ҷадвали №3. Сатҳи хизматрасонии соҳа дар тӯли солҳои 2010-2013*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
| 1 | Шумораи умумии муштариён, аз ҷумла | | | | | |
| | Аҳолӣ | нафар | 2000 | 2300 | 2598 | 2659 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 19 | 22 | 22 | 22 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 18 | 21 | 24 | 24 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла, | | 35,8 | 61,1 | 66,2 | 86 |
| | - аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 26,5 | 42,0 | 49,9 | 63,5 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 7,3 | 16,3 | 13,3 | 18,3 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 2,0 | 2,8 | 3,0 | 4,2 |
| 3 | Қарзи муштариҳо дар назди корхона, | | | | | |
| | - аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | | 3,1 | 1,9 | 0,9 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | ҳазор сомонӣ | - | - | - | - |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳазор сомонӣ | - | - | - | - |
| 4 | Нархи об (1 $м^3$) | | | | | |
| | - аҳолӣ | дирам | 0,40 | 0,60 | 0,70 | 0,70 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 0,50 | 0,80 | 1,00 | 1,00 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 0,70 | 1,50 | 2,00 | 2,00 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор $м^3$ | 0,5 | 0,5 | 0,7 | 0,7 |
| 6 | Талафоти умумӣ | % | 15 | 15 | 15 | 10 |

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ дар доираи Барномаи номбурда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 5 млн. 518,8 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ин 548,3 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ, 922,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, 4 млн. 41,8 ҳазор сомонӣ ба сармояи хориҷӣ рост меояд. Дар сурати сари вақт ҷудо гардидани маблағҳои пешбинӣ гардида ва татбиқи самараноки лоиҳаҳо сифати таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия беҳтар гардида, зиёда аз 11,7 ҳазор нафар аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мегардад.

### *4.1.2. Хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)*

Дар баробари ба анҷом расонидани таъмини аҳолии маркази ноҳия бо оби нӯшокӣ Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ хизматрасонии коммуналиро низ ба уҳда дорад. Корхонаи мазкур фаъолияти худро дар самти нигоҳдории фонди манзил, тозагию санитарӣ, ободонию кабудизоркунӣ, равшаннамоӣ ва ғайра ба роҳ мондааст.

Аз шумораи умумии кормандон 11 нафар ва ё 13 фоиз ба корҳои манзилию коммуналӣ сафарбаргардида, ба 3,2 ҳазор нафар муштариён, 44 адад корхонаю ташкилот ва нуқтаҳои савдо хизмат мерасонанд. Суст будани имкониятҳои молиявӣ ва маблағзории соҳа боис гардидааст, ки таи 20 соли охир ягон техника ва таҷҳизотҳои замонавӣ ворид карда нашудааст, ки корро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Дар соли 2013 аз тарафи буҷаи маҳалли 59 ҳазору 720 сомонӣ барои харидори техника маблағгузори гардид. Корхона ба ин маблағ 1 адад автомашинаи ГАЗ-53 барои баровардани партовҳои моеъ махсусгардонидашуда ва 1 адад трактори Чери харидори намуданд.

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ дар соли 2013 – 245,1 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 ба андозаи 142,8 ҳазор сомонӣ ва ё 139 фоиз зиёд мебошад. Қарзи муштариён дар назди корхона дар соли 2013 – 9,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2010 – 36,3 ҳазор сомонӣ ва ё 83% мебошад. Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила дар соли 2013 - 74 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи маркази ноҳия дар тӯли солҳои 2010-2013 ба ҳисоби миёна 1,83 $м^3$ - ро ташкил медиҳад.

Корхона ба ҷуз аз истиқоматкунандагони ноҳия боз бо 46 адад корхонаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад, ки ҳаҷми партовҳои аз корхонаҳои мазкур баровардашаванда 32 % ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.




Партовгоҳи марказӣ дар масофаи 10 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, масоҳати умумии он ба 7,4 га баробар аст ва то кунун гирду атрофи он пойдевор надорад.

Барои ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ ва кашонидани партовҳо ба идораи манзилию коммуналӣ 1 адад автомошинаи ЗИЛ - 555, 1 адад трактори ЮМЗ ва трактори Т-28 хизмат мерасонад, ки онҳо фарсудаю корношоям гардидаанд. Илова бар ин дар тавозуни корхона боз 1 адад автомашинаи обпошак ва 1 адад автомашина барои таъмири чароғҳои барқӣ мавҷуд мебошад. Муассисаи мазкур аз норасогии техника (автомошинаи партовбарорӣ, автомошинаи обкашонӣ, обпошок ва трактори ЮМЗ-80 якҷоя бо равонакаш) ҳангоми тоза ва кашонидани ПСМ ба мушкилотҳои зиёд дучор мегардад.

Дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ инчунин 26 км роҳҳои пиёдагард, 31 км каналҳои обпарто ва 7,4 га партовгоҳи марказӣ мавҷуд аст. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 4 га - ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2013 барои фаъолияти идораи манзилию коммуналӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ 398,3 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2010 ба андозаи 28,0 ҳазор сомонӣ ва ё 7 фоиз зиёд мебошад.

Хароҷоти асосие, ки дар ин самт аз ҳисоби идораи манзилию коммуналӣ ба анҷом расонида мешавад, аз ҳисоби маблағҳои ҷамъовардашудаи ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ сурат мегарад, ки ҳаҷми он дар соли 2013 - 245,1 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 142,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**4.2. Таъмини барқ ва газ**

Шабакаҳои барқии (ШБ) ноҳияи А. Ҷомӣ соли 1956 ташкил шуда, дар тавозуни худ 3 адад зеристгоҳи шиддати 35/10 кВ, 204 адад зеристгоҳи трансформаторӣ 10/04 кВ ва 13 адад зеристгоҳҳои трансформатори комплектии 6/04кВ дорад. Дарозии хатҳои барқии ҳавоӣ 6 кВ- 4,7 км, хатҳои ҳавоии 10 кВ – 304 км, хатҳои ҳавоии 0,4 кВ – 1030 км - ро ташкил медиҳад.

Мушкилии дигаре, ки ба назар мерасад, ин кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқи ҳавоӣ ва симчубҳои хатҳои интиқоли барқ маҳсуб меёбад. Аксари хатҳои интиқоли барқ солҳои 60-74-уми асри гузашта сохта шуда, дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилиро дар ин самт боз ҳам вазнинтар мегардонад. Илова бар ин, бинобар сол то сол зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва ташкили маҳаллаҳои навбунёд талабот низ ба нерӯи барқ зиёд гардида истодааст. Эҳтиёҷоти умумӣ барои иваз намудани трансформаторҳои тавоноиашон паст ба трансформаторҳои тавоноиашон баланд 45 ададро ташкил медиҳад.

Яке аз мушкилотҳои дигаре, ки мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст ин таъмин намудани деҳаҳои Ҷонбулоқ, Наволиқ ва Абдукарими Ҷамоати деҳоти Ифтихор бо нерӯи барқ мебошад. Солҳои тӯлонист, ки аҳолии ин деҳаҳо аз надоштани дастрасӣ бо нерӯи барқ ба мушкилотҳои зиёд дучор гардида истодааст. Шумораи умумии оилаҳои ин деҳаҳо беш аз 53 оиларо ташкил медиҳад.

Инчуни барои таъминни аҳолӣ бо барқ сохтмони хатти интиқоли барқи 0,4 кВт ва зеристгоҳҳои иловагӣ зарурият дорад.

*Ҷадвали №1. Нишондиҳандаҳои асосии соҳа дар тӯли солҳои 2010-2013*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | Соли 2013 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | |
| 1 | Фурӯши умумии барқ | Ҳазор сомонӣ | 3631,2 | 3854,9 | 4605,5 | 7070,7 | 194,7 |
| | Аз ҷумла, - ба аҳолӣ, | Ҳазор сомонӣ | 3088,4 | 3033,0 | 3248,3 | 4068,2 | 131,7 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 542,8 | 821,9 | 1357,3 | 2643,6 | 487,0 |
| 2 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | дирам | 8,5 | 8,5 | 10,63 | 11,5 | 135,3 |
| | - ба аҳолӣ | дирам | 9,0 | 9,0 | 11,0 | 11 | 122,2 |
| | - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | дирам | 8,5 | 8,5 | 10,63 | 11,5 | 135,2 |
| 3 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла, | ҳазор сомонӣ | 4409,8 | 5249,4 | 6492,7 | 8351,6 | 189,4 |
| | - аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 1092,1 | 1118,9 | 972,8 | 991,5 | 90,8 |
| | - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | ҳазор сомонӣ | 3317,7 | 4130,5 | 5519,9 | 7360,1 | 221,8 |
| 4. | - талафоти умумӣ | % | 17,9 | 16,4 | 16,2 | 16,5 | - |

Ҳаҷми фурӯши нерӯи барқ дар соли 2013 – 7 млн. 70,7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 3 млн. 439,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, ки ба афзоиши аҳолӣ ва талаботи он алоқаманд аст. Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин сол то сол зиёд гардидани қарзи истифодабарандагон мебошад. Қарзи асосӣ ба души ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2013 7 млн. 360,1 ҳазор сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 4 млн. 42,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Талаботи умумии ноҳияи А. Ҷомӣ ба ҳисобкунакҳои электронӣ 15,1 ҳазор ададро ташкил дода, аз ин 2750 адад ҳоло васл гардида, эҳтиёҷоти боқимонда 12350 ададро ташкил медиҳад.

Дар қаламрави ноҳия 3 адад зеристгоҳи барқӣ 35\10 кВт ба муштариён хизмат мерасонад («Куйбешив»-35\10 кВт, «Илич» - 35\10 кВт, 16\1 «Насосная» -35\10 кВ). Бинобар сабаби пурбор будани трансформаторҳои зеристгоҳи «Куйбешив»-35\10 кВт ва аз ин ҳисоб тез - тез ба миён садамаҳои барқӣ, зарурияти сохтмони зеристгоҳи 110\35\10 кВт ба миён омадааст. Илова бар ин зеристгоҳи 35\10 кВт «Илич», ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, зарурияти кӯчонидани он ба ҷои бе хавф пайдо шудааст.

**Таъмини газ.** Аҳолии ноҳия ба гази табиӣ таъмин нест, гарчанде кони калонтарини гази Қизилтумшуқи ноҳияи Ҷ. Румӣ дар масофаи 20 км ҷойгир шудааст. Дар оянда барои таъмин намудани аҳолӣ бо гази табиӣ гузаронидани қубури газ аз кони гази Қизилтумшуқ дар масофаи 14 км дар назар аст. Ҳоло дар ноҳия 10 нуқтаи фурӯши гази моеъ мавҷуд аст, ки аҳолии ноҳия аз ин нуқтаҳо истифода мебаранд.

**4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ**

Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба фаъолияти роҳдорӣ Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард машғул аст. Дар мувозинаи муассисаи мазкур 227,6 км шабакаи роҳҳои автомобилгард дохил мешавад, ки аз ин 45,5 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ, 182,1 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта мебошад.




**Намуди пӯшиши роҳҳо ба сурати зерин мебошанд.**

Роҳҳои асфалту бетонпӯш 104 км, роҳҳои сангфарш 19,5 км, роҳҳои мумфарш 67 км, роҳҳои хокӣ 37,1 км .

Бинобар солҳои дароз истифода гардидан ва сари вақт нагузаронидани таъмири асосӣ аксарияти қисматҳои роҳҳо ба таъмири асосию ҷорӣ ниёз доранд. Чунин мушкилиро бештар дар маҳаллаҳои Навдӣ, Ғалаба, Обшорон, 1–уми май, Яккатут, Правда, Навобод, Пушкин, Ленин – Юлӣ, Коминтерн, дидан мумкин аст.

Ба ғайр аз ин дар тавозуни идораи мазкур 62 адад купрук (23 адад дар роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 39 адад дар роҳҳои маҳаллӣ) ҷӯйборҳои ду тарафи роҳ, аломатҳо, таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо гузошта шудааст. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин ҳолати ногувори купрукҳо мебошад. Аз шумораи умуми купрукҳо 5 ададаш дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, аз ин 1 ададаш ба роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 4 ададаш ба роҳҳои маҳаллӣ рост меояд.

**Ҳолати техникӣ.** Дар парки автомобилии корхона 4 адад техникаи махсусгардонидашуда мавҷуд мебошад, ки аз ин 1 адад автогрейдер, 1 адад автомашинаи ЗИЛ ММЗ, 1 адад трактори Т-40, 1 адад боркунаки фронталӣ 1 адад автомашинаи ГАЗ -52 мебошад. Дар ноҳия 1 муассисаи нақлиётӣ фаъолият менамояд. Ғайр аз ин дар ноҳия ду ҷамъияти нақлиётии автомобилӣ боркашӣ ва мусофиркашӣ фаъолият менамоянд. Инчунин дар ноҳия 1 терминали мусофиркашонӣ мавҷуд аст, ки терминали «Ориён ЛТД» ба самтҳои байни ноҳиявӣ ба самтҳои дохили ноҳиявӣ хизмат мерасонанд.




Дар соли 2013 нисбат ба соли 2010 ҳаҷми мусофиркашонӣ 2,8 маротиба афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо нишондиҳандаи боркашонӣ бошад, баръакс 10,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда дар тӯли солҳои 2010 – 2013 аз ҳисоби буҷети ҳамаи сатҳҳо (маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ) 1 млн. 547,9 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин 24,4 фоизи маблағҳое, ки аз ҳисоби пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиётро ташкил медиҳад. Маблағи умумии пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт дар тӯли солҳои 2010-2013 беш аз 6 млн. 335,7 ҳазор сомониро ташкил дод.




Тибқи нақшаи дурнамо дар соли 2014 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо: ҷумҳуриявӣ – 146,2 ҳазор сомонӣ ва барои роҳҳои маҳаллӣ 62,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин барои 1 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ 3214 сомонӣ ва барои роҳҳои маҳаллӣ дошта бошад 344 сомонӣ дар як сол рост меояд, ки ин маблағи ночиз мебошад. Ин дар ҳолест, ки беш аз 70 фоизи роҳҳои мавҷударо роҳҳои маҳаллӣ ташкил медиҳад.



**4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Нуқтаи минтақаи техникии №1 филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи А. Ҷомӣ яке аз корхонаҳои бонуфузи алоқаи ноҳия мансуб меёбад. Шумораи умумии кормандон 8 нафарро ташкил медиҳад. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии соҳа айни замон дар ҳудуди ноҳия 1 адад дастгоҳи 1500 рақама, 1 адад истгоҳи телефонии марказӣ ва 1157 адад дастгоҳҳои телефонии асосӣ мавҷуд мебошад.

Айни замон, бештари сокинони ноҳия аз шабакаҳои мобилии «ТСЕЛ», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн» ва «ТК-Мобайл» истифода мебаранд. Дарозии каналҳои телефонии байниноҳиявӣ ва дихили ноҳиявӣ 41,7 км - ро ташкил медиҳад.

Шумораи муштариёни корхона дар соли 2013 - 1157 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 30 нафар ё 3 фоиз зиёд мебошад. Ба ин нигоҳ накарда то ҳол дар баъзе мавзеъҳо хатҳои телефонӣ мавҷуд нест. Аз ҷумла, ин мушкилиро дар деҳаҳои Комсомол, Исмоили Сомони, Правда, Политадел, Озодӣ, Красная звезда, Аграном, Сотсиализм, Мирзобод, ҷамоатҳои ба номи Калинин, 50 солагии Тоҷикистон, Яккатут ва Ҷамоати шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ кучаҳои Чуства, Ҷомӣ, Шегер, Айнӣ, Лоҳутӣ ва Саъдӣ эҳсос менамоянд. Барои таъмини аҳолии деҳаҳои номбурда ба хадамоти телефонӣ харидорӣ намудани симчубҳо, кабел ва дигар намуди таҷҳизоти алоқавӣ зарур аст.

Дар қатори хизматрасони Нуқтаи минтақаи техникии №1 филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳия хизматрасонии интернетиро ба муштариён пешниҳод менамояд. Шумораи умумии истифодабарандагони (муштариёни) ин намуди хизматрасонӣ дар соли 2013 аз ҳисоби аҳолӣ 989 нафар ва аз ҳисоби ташкилотҳо 310 ададро ташкил медиҳад.

Фарогирии барномаҳои телевизионӣ 70-85 фоиз ва радиои маҳаллӣ 35,0 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Радиои маҳаллӣ дар ноҳия аз соли 1994 фаъолият менамояд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия марказҳои хусусии хизматрасонии интернетӣ фаъолият мекунанд.

Ба ғайр аз ин дар ҳудуди ноҳия дар як моҳ чор маротиба рӯзномаи «Баҳористон» нашр карда мешавад. Теъдоди солонаи рӯзномаи мазкур 43,2 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ барои рушди минбаъдаи соҳа ин кашонидани хатти телефонии нурӣ ва насби як адад истгоҳи телефонии рақамии дорои 500 рақама дар ҷамоати шаҳраки А.Ҷомӣ деҳаҳои Озодӣ, Ҷомӣ, Саъдӣ, Лоҳутӣ ва истгоҳи телефонии рақамӣ дорои 400 рақама дар ҷамоати деҳоти Яккатут ба ҳисоб меравад.

# БОБИ 5. БЕХАТАРИИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Пешбурди сиёсати экологӣ дар сатҳи маҳал тавассути бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳия татбиқ мегардад. Айни замон, дар ин самт 6 нафар кору фаъолиятро пеш мебаранд, ки аз 4 нафар дорои маълумоти оли мебошад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия дар он зоҳир мегардад, ки он дар пастии 12-21 метр аз сатҳи дарёи Вахш қарор дошта, аз ин ҳисоб обҳои зеризамини хеле баланд аст ва ин боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Дар натиҷаи ин зиёда аз 2 ҳазору 359 гектар заминҳои кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор доранд. Илова бар ин дар соли 2013 беш аз 1 ҳазору 747 гектар дар ҳолати шӯршавӣ қарор дорад, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли 2012 ба 180 гектар зиёд мебошад.

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

*Ҷадвали №1. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо*
*аз корхонаҳои саноатии ноҳияи А. Ҷомӣ*

| Номгӯй моддаҳои зараровар | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 393,9 | 294,6 | 414,6 | 415,3 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 2623 | 262,7 | 375,5 | 376 |
| Газмонанд ва моеъ: | 31,6 | 31,9 | 39,1 | 39,3 |

Аз рӯи ҳисоботҳои мавҷуда дар як сол аҳолии ноҳия ба муҳити зист 62 ҳазору 411 тонна партов бароварда, боиси ифлосшавии обу замин ва муҳит мегардад.

# БОБИ 6. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

Таи солҳои 2010-2013 дар ноҳияи А.Ҷомӣ 8 ҳолати фавқулодда ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми чор соли охир хисороти аз офатҳои табиӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқрасида 4,6 млн. сомониро ташкил дод, ки ин 9,3 фоизи буҷети чор солаи маҳаллӣ баробар аст. Соли 2013 дар қиёс ба дигар солҳо аз ҳама зиёдтар соҳаҳо аз офатҳои табиӣ зарар диданд. Дар ин давра хисороти аз офатҳои табиӣ ба вуҷудомада 2,5 млн. сомониро ташкил дод, ки ин ба 15 фоизи буҷети маҳаллӣ баробар буда, дар қиёс ба ҳиссаи маблағгузории ҷумҳуриявӣ 15,4 фоизро ташкил дод.

*Ҷадвали №1 Таносуби буҷети ноҳия ва хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда*

| | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | ҳамагӣ |
| Буҷет (млн. сомонӣ) | 8,6 | 10,8 | 13,3 | 16,7 | 49,4 |
| Хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда (млн. сомонӣ) | 0,1 | 0,2 | 1,8 | 2,5 | 4,6 |
| Хисорот аз ҲФ ба ҳисоби фоиз (%) | 1,1 | 1,8 | 5,5 | 15,0 | 9,3 |

Яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дар солҳои минбаъда ин дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ аст, зеро 30 деҳаи аҳолинишини ноҳия дар мавзеи хатарнок ҷойгир мебошанд. Дар мавзеъҳои хатарнок 38 фоизи аҳолии ноҳия истиқомат доранд (49,6 ҳазор нафар аҳолӣ).

*Ҷадвали №2.*

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, ҳаз. сомонӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с. 2010 | с. 2011 | с. 2012 | с 2013 | ҳамагӣ |
| Хонаҳои истиқоматӣ | - | - | - | | - |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабии кӯдакона | - | - | - | | - |
| Дармонгоҳҳо ва беморхонаҳо | - | - | - | | - |
| Иншоотҳои фарҳангӣ – маишӣ | - | - | - | | - |
| Роҳҳои наклиётӣ | 40,0 | | 150,4 | | 190,4 |
| Пулҳо | - | | - | | - |
| ХИБ (ЛЭП) | - | | - | | - |
| Хати алоқа | - | | - | | - |
| Хати интиқоли барқ | - | | - | | - |
| Хатҳои обёрӣ ва каналу наҳрҳо (селпарто захбуру захкашхо) | - | 92,0 | 762,7 | 1169,3 | 2024 |
| Стансияҳои насосӣ ва гидроиншоотҳо | - | | 84,8 | | 84,8 |
| Хатҳои қубурҳои обу ташноб | - | | | | - |
| Кишоварзӣ | 60,0 | 108,0 | 802,1 | 1336,8 | 2306,9 |
| Дигар иншоотҳо | | | | | |

*Ҷадвали № 3. Таносуби хароҷот оиди буҷет ва хисорот аз рӯи фаъолияти соҳаҳо (ҳазор сомони)*

| | Маориф | Тандурустӣ | ХМК | Фарҳангӣ – маишӣ | Кишоварзӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Буҷет дар солҳои 2010-2013 | 60174,7 | 18759,6 | 1314,5 | 1515,5 | 2237,9 |
| Хисорот аз ҲФ дар солҳои 2010-2013 | - | - | - | - | 2306, 9 |
| Хисорот аз ҲФ (бо %) | - | - | - | - | 103 |

Хисорот аз ҳама зиёд ба соҳаи кишоварзӣ ирригатсия (заҳбуру захкашҳо, селроҳҳо) расонида шудааст, ки маблағи умумии он 2 млн. 306, 9 ҳазор сомниро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия ҳамагӣ 7 ҷамоати деҳот ва 1 ҷамоати шаҳрак вуҷуд дорад, ки дорои ҳудудҳои хавфноки геологӣ мебошад. Аз (77 деҳа) 30-тояш дар зери таҳдиди хавфи табиӣ қарор дорад. Шумораи хоҷагиҳои хонагие, ки дар минтақаи хавфнок ҷойгиранд, 6648 ададро ташкил медиҳанд, ки ба 29 % ҳамаи хоҷагиҳои хонавода баробар аст. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 49,6 ҳазор нафар умр ба сар мебаранд.

*Ҷадвали № 4*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда | Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда (40%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳраки А.Ҷомӣ | 30 куча | 0 | 0 |
| 2 | Деҳоти Иттифоқ | 12 | 4 | 33 |
| 3 | Калинин | 8 | 4 | 50 |
| 4 | Арал | 12 | 6 | 50 |
| 5 | 50 солаги Тоҷикистон | 12 | 4 | 33 |
| 6 | Яккатут | 15 | 5 | 33 |
| 7 | Ифтихор | 9 | 7 | 77 |
| 8 | Дӯсти | 9 | 6 | 66 |
| | Дар ноҳия | 77 | 36 | 46 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳои хонавода, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳои хонаводагие, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда | Шумораи хоҷагиҳои хонаводае, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда ( %) |
| 1 | Шаҳраки А.Ҷомӣ | 2471 | - | - |
| 2 | Деҳоти Иттифоқ | 3063 | 340 | 11 |
| 3 | Калинин | 2221 | 420 | 19 |
| 4 | Арал | 2731 | 1025 | 38 |
| 5 | 50 солаги Тоҷикистон | 2576 | 310 | 12 |
| 6 | Яккатут | 4143 | 440 | 11 |
| 7 | Ифтихор | 2403 | 1105 | 46 |
| 8 | Дӯсти | 3146 | 760 | 24 |
| | Дар ноҳия | 22754 | 4400 | 19,3 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ, ҳамагӣ: | Шумораи аҳолии дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда | Шумораи аҳолии дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда (%) |
| 1 | Шаҳраки А.Ҷомӣ | 12345 | 0 | 0 |
| 2 | Деҳоти Иттифоқ | 19468 | 2462 | 13 |
| 3 | Калинин | 18804 | 2650 | 14 |
| 4 | Арал | 21707 | 5140 | 24 |
| 5 | 50 солаги Тоҷикистон | 17645 | 2030 | 12 |
| 6 | Яккатут | 23906 | 3015 | 13 |
| 7 | Ифтихор | 13205 | 5640 | 43 |
| 8 | Дӯсти | 18180 | 4480 | 25 |
| | Дар ноҳия | 145260 | 25417 | 17 |

Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта ва пешгири кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои хавфнок аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ маблағҳои лозима ҷудо карда мешавад. Бо ин мақсад таи соли 2012 беш аз 69 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, 23 оила аз минтақаҳои хафнок (деҳаи Маҳатони ҷамоати деҳоти Ифтихор) ба ҷойҳои бе хавф кӯчонида шуд. Тибқи накшаи дурнамои соҳаи то соли 2017 кӯчонидани 49 оила аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бе хавф пешбинӣ гардидааст.

# БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

**7.1. Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия**

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси намояндагони халқ аз 40 нафар (5 нафар зан) иборат мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд. Аз ҷониби Маҷлис 5 комиссияи дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- оид ба масъалаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, кор бо занон ва тарбияи ҷавонон;
- оид ба масъалаҳои буҷет, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, алоқа, нақлиёт, барқ, хизмати коммуналӣ, шуғли аҳолӣ, савдо ва дигар хизматрасониҳо ба аҳолӣ;
- оид ба масъалаҳои риояи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ;
- оид ба масъалаҳои аграрӣ, ислоҳоти замин ва ҳифзи муҳити атроф;
- оид ба масъалаҳои одоби вакилон.

